Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№18 (1167)

Панҷшанбе, 2 майи соли 2019

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

МАҚОМОТИ АНДОЗИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



**Сафари кории Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Ҷумҳурии Мардумии Чин ва иштирок дар Форуми дуюми ҳамкории байналмилалии "Як камарбанд, як роҳ"**

с. 2-3

# 4 май - Рӯзи кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон

«Низоми маъмурикунонии андоз барои соҳибкорон чӣ қадаре, ки мусоид бошад, сафи андозсупорандагон аз ҳисоби соҳибкорон ҳамон қадар зиёд шуда, буҷети давлат ғанӣ мегардад ва ҷамъият ба пешравиҳои назаррас ноил мешавад».

**Эмомалӣ РАҲМОН**








ҶАШНВОРА

## Корманди мақомоти андоз будан шараф аст

Табрикоти Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Н.М. ба муносибати Рӯзи кормандони мақомоти андоз

с. 4

## Тартиб додани санади муқоисавӣ

Андозсупоранда уҳдадор аст, ки оид ба ҳолати иҷрои уҳдадориҳои андоз бо мақомоти андоз санади муқоисавӣ тартиб диҳад

с. 9

АМАЛИЁТИ ГУРӮҲИ КОРӢ

## Санҷиши амалиётӣ чиро ошкор намуд?

Мақсади санҷишҳои андозӣ пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андоз мебошад

с. 9

ХИЗМАТРАСОНӢ

## Робита бо шаҳрвандон

Гузарондани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар – машваратҳо вохӯриҳо самти муҳими фаъолият

с. 11

## Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мизи мудаввар дар доираи Форуми дуюми байналмилалии «Як камарбанд, як роҳ»




**Муҳтарам Раис,**

**Муҳтарам сарони давлатҳо ва роҳбарони ҳайатҳо,**

**Хонумон ва ҷанобон!**

Тоҷикистон ба татбиқи бомуваффақияти Ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» аҳамияти хос медиҳад ва ба ҳамкории судманд дар доираи ин лоиҳа бо ҳамаи кишварҳои манфиатдор омода аст.

Ташаббуси мазкур метавонад ба Тоҷикистон дар татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва ноил шудан ба Ҳадафҳои рушди устувор мусоидат намояд.

Иштироки Тоҷикистон дар ин ташаббус, ҳамчун кишваре, ки ба баҳр баромад надорад, ба рушди иқтидори транзитии он мусоидат менамояд.

Мо ҳамчунин ба афзоиши ҳаҷми савдои хориҷӣ, кам кардани хароҷот ва муҳлати интиқоли мол умед дорем.

Илова бар ин, татбиқи ин лоиҳаи густурда ба Тоҷикистон имкон медиҳад, ки бо хатсайрҳои манфиатовар тавассути долонҳои нақлиётиву иқтисодӣ ба бозорҳои нав дастрасӣ пайдо кунад; даромадҳои иловагиро тавассути пешбурди саноатикунонӣ-таъсиси корхонаҳои нав ба даст орад.

Ҳадафи мо дар соҳаи транзитию нақлиётӣ ин фароҳам овардани шароити мусоид барои хатсайрҳои байналмилалии мошингард, ҳавоӣ ва роҳи оҳан миёни мамлакатҳоямон мебошад.

Дар ин самт мо пешниҳод менамоем, ки роҳҳои мошингарди «Чин-Тоҷикистон-Ӯзбекистон» ва «Чин-Тоҷикистон-Афғонистон» ба рӯйхати лоиҳавии ин ташаббус шомил карда шавад.

Самти дигари афзалиятноки ҳамкорӣ бахши энергетика мебошад.

Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ яке аз кишварҳои риоякунандаи принсипҳои «энергияи сабз» эътироф мешавад.

Дар мавриди истифодаи манбаъҳои барқароршавандаи энергия Тоҷикистон дар ҷаҳон ҷойи шашумро ишғол менамояд ва аз рӯи захираҳои оби тозаи ошомиданӣ низ ҷойгоҳи пешсафро дорост.

Дар ҳудуди Тоҷикистон тақрибан 13 000 пирях ва 1 000 дарё мавҷуд аст, ки сарчашмаи ташаккули тақрибан 60 дарсади захираҳои оби Осиёи Марказӣ мебошанд.

Мавҷудияти ин захираҳо барои рушди «иқтисоди сабз» замина фароҳам меоваранд.

Истифодаи муштараки иқтидори бузурги гидроэнергетикии Тоҷикистон имкон медиҳад, ки сатҳи таъминоти кишварҳои минтақа бо неруи барқ ба таври назаррас баланд гардад, хароҷоти истеҳсоли он коҳиш дода шавад, таҳдид ба муҳити зист ва ҳаҷми партобҳои гази карбон ба атмосфера кам карда шавад.

Мо барои ҳамкорӣ дар ин самт ва татбиқи лоиҳаҳои муштарак дар истифодаи ин иқтидорҳо омода ҳастем.

Аз худ кардани беш аз 400 кони канданиҳои фоиданоки дар Тоҷикистон иктишофшуда барои рушди самарабахши саноати маъданҳои кӯҳӣ, металлургияи ранга ва истеҳсоли масолеҳи сохтмонӣ замина мебошанд.

Барои мо ҳамкорӣ дар самти рушди бахши агросаноатӣ, саноати сабук ва хӯроквории низ ояндадор маҳсуб меёбад.

Илова бар ин, Тоҷикистон барои рушди сайёҳӣ имконоти бузург дорад.

**Хонумон ва ҷанобон!**

Мутмаинам, ки дар доираи ташаббуси «Як камарбанд, як роҳ» мо метавонем рушди муштарак ва некӯаҳволии мардумонамонро таъмин намоем.

Татбиқи муштараки барномаҳо ва лоиҳаҳое, ки ба ҳавасмандгардонӣ ва ҷорӣ намудани моделҳои истеҳсолот ва истеъмол, таъсиси ҷойҳои корӣ, паст кардани сатҳи камбизоатӣ ва нобаробарӣ нигаронида шудаанд, метавонад барои расидан ба ҳадафҳои умумиамон дар ин самт мусоидат намояд.

Дар ин замина моро зарур аст, ки пешниҳодҳо ва лоиҳаҳои худро ҷиҳати азхудкунии муштараки иқтидорҳои мавҷуда ба ҳадди имкон мушаххас намоем.

**Ба таваҷҷуҳатон ташаккур!**

## Муаррифии китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих»-и Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии Чин

**Дар Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии Чин мулоқоти Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо кормандони Академия баргузор гардид.**



Дар ин вохӯрӣ дар ҳузури Сарвари давлат муаррифии китоби арзишманди таърихии «Тоҷикон дар оинаи таърих» доир шуд.

Дар маросими муаррифии китоб Президенти Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии Чин Сие Фучжан, Мудири кулли маҷмааи нашриёти «Ренмин» ва таърихнигори шинохтаи чинӣ оид ба саҳми беназири Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар самти рушду густариши муносибатҳои ҳамкории Тоҷикистону Чин, таҳкими дӯстии халқҳои ду кишвар ва нақши китоби таърихии «Тоҷикон дар оинаи таърих» андешаҳои ҷолиб баён кард.

Зимни суханронии худ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми Академияи илмҳои ҷамъиятшиносии Чинро дар ҳаёти илмиву ҷамъиятии ин кишвар ва берун аз он ҳамчун яке аз марказҳои калидии таҳқиқотӣ муҳим арзёбӣ намуданд.

Сарвари давлат таъкид доштанд, ки мо ҳамсояи бузургамон — Чинро дӯсти боэътимоду шарики самимӣ меҳисобем ва аз рушди устувори он изҳори хушнудӣ менамоем. Мо шоҳиди пешрафти босуръати Чин дар тамоми соҳаҳои иқтисодиёт ва ҳаёти ҷомеа, таҳкиму тақвияти обрӯ ва нуфузи он дар арсаи байналмилалӣ мебошем.

Дар суханронии худ Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар бораи таърихи навини Тоҷикистон, раванди барқарорсозии сулҳу ваҳдат ва амнияти сартосарии сарзамин, ҳамкории дуҷониба бо кишвари ҳамсояи Чин ва дигар масъалаҳои муҳим андешаронӣ карданд.

Барои чопи китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих» Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба нафароне, ки дар ин кор саҳм гузоштаанд, изҳори сипос намуданд.

Мавриди зикр аст, ки дар тарҷума ва чопи ин китоб нашрияи «Ренмин» саҳми шоиста дорад.

Изҳори умед карда шуд, ки китоби «Тоҷикон дар оинаи таърих» ба хонандагони чиноӣ имкон фароҳам меорад, то дар бораи таърихи мардуми куҳанбунёди тоҷик маълумоти бештару беҳтар пайдо намоянд.

## Боздиди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон аз Намоишгоҳи байналмилалии боғдории Пекин «ЭКСПО 2019»

**Нимаи дуюми рӯзи 28 апрел Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон якҷо бо роҳбарони давлатҳои иштирокчии Форуми дуюми ҳамкории байналмилалии «Як камарбанд, як роҳ» Намоишгоҳи байналмилалии боғдории Пекин «ЭКСПО 2019»-ро тамошо карданд.**

«ЭКСПО-и ҷаҳонии боғдории Пекин-2019» таҳти унвони «Ҳаёти сабз-манзили зебо» 162 рӯз идома ёфта, интизор меравад, ки 16 млн нафар аз ин намоишгоҳ дидан намоянд. Дар ЭКСПО 110 сохтори намоишдиҳандаи байналмилалӣ ва 120 намоишдиҳандаи ғайрирасмӣ иштирок хоҳанд кард, ки дар таърихи баргузории ЭКСПО нишондоди рекордӣ аст.

Масоҳати макони баргузории ин маъракаи боғдорӣ 503 гектар буда, дар канори дарёи Гуйшуй дар масофаи 10 км аз Девори бузурги Чин ҷойгир аст. Аз ин хотир, ЭКСПО-и навбатиро «Намоиши боғдории зери Девори бузурги Чин» низ ном мебаранд. Майдони баргузории ЭКСПО аз толори Чин, толори байналмилалӣ, озмоишгоҳи ҳаётӣ, толори гулу гиёҳ ва маркази ҳунарнамоӣ иборат аст.

94 чатри бари ҳам қоматафрохта толори байналмилалии ЭКСПО-ро ташкил мекунанд.

Аз рӯи тарҳҳои пешниҳодшуда аз ҷониби кишварҳои хориҷ, маълум мешавад, ки дар ЭКСПО боғҳо бо фарҳанги боғдориву тарзи ҳаёти мардуми ин кишварҳо сохта мешаванд.

Барои тамошобинон дар ЭКСПО толори васеи тамошои фарҳанги боғдорӣ, тамошои гулу гиёҳҳои рангоранг пешбинӣ шуда, онҳо имкон доранд зиёда аз 1200 навъ гулу гиёҳ, дарахту растаниро бубинанд. Ҳамзамон сайёҳон имкон доранд, ки аз санъати меъмории кишварҳои гуногун дидан намуда, бо фарҳанги пурғановати мамлакатҳо ошно шаванд.

«ЭКСПО-и ҷаҳонии боғдории Пекин — 2019» саҳнаи ба ҳам омадани тамоми навовариҳои соҳаи боғдории ҷаҳон аст. Ҳарчанд тарҳи иморатҳо, намуди гулу гиёҳ аз ҳам фарқ мекунад, аммо ҳамаи ҷонибҳои иштирокчӣ мехоҳанд ҳаёти сабзи тахаюлоти худро муаррифӣ намуда, майлу хоҳиши худро дар робита ба ҳифзи табиат ва экология ифода намоянд.

# Маҷлиси навбатии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид

**30 апрел таҳти раёсати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузор гардид.**

Нахуст “Дар бораи тартиби таҳияи барномаҳои рушди иҷтимоию иқтисодии маҳалҳо” гузориши Вазири рушди иқтисод ва савдо Неъматулло Ҳикматуллозода шунида шуд.

Таъкид гардид, ки тартиби мазкур дар асоси усулҳои муосири самарбахши идоракунии давлатӣ, бахусус ҷиҳати тақвияти сиёсати давлат дар маҳал таҳия гардида, хусусиятҳои хос, иқтидорҳо, афзалиятҳо ва захираҳои мавҷудаи шаҳру ноҳияҳоро ба инобат мегирад.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон супориш доданд, ки барои ба низоми ягона овардани раванди таҳияи барнома, нақшаҳои рушд ва тақвият бахшидани рафти ҳамоҳангсозии онҳо ба ҳадафу афзалиятҳои ҳуҷҷатҳои стратегии кишвар, аз қабили “Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои то соли 2030” аҳамияти махсус дода шуда, он ҳамчун дастури методӣ барои хизматчиёни давлатӣ пешниҳод гардад.

Сипас, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи разведкаи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани илова ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани илова ба Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, Оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйир ба Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон”, оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон”, оид ба лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон” ва дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи дигар пардохтҳои ҳатмӣ ба буҷет” гузориши шахсони масъул шунида шуд.

Дар кори маҷлис ҳамчунин масъалаҳо Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи иҷозатномадиҳӣ ба баъзе намудҳои фаъолият”, Дар бораи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи фаъолияти илмӣ ва сиёсати давлатӣ оид ба илму техника” ва Дар хусуси лоиҳаи Созишномаи қолабӣ байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Корпоратсияи байналмилалии исломӣ оид ба маблағгузории тиҷорат, баррасӣ карда шуд.

Лоиҳаҳои қонунҳои муҳокимашуда барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид.

Дар хотима баъди баррасии ҳамаи масъалаҳои рӯзномаи кори маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Президенти мамлакат, Раиси Ҳукумати кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба масъулин барои иҷрои саривақтии масъалаҳои дар маҷлис баррасишуда ва ҷиҳати иҷрои дастурҳои дигари Ҳукумат, вусъати корҳои ободонӣ ва идомаи тадбирҳои созандагӣ ба истиқболи ҷашни 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, супоришҳои мушаххас доданд.

# Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин мулоқот намуданд



**28 апрел дар шаҳри Пекин дар ҳошияи Форуми дуюми ҳамкории байналмилалии сатҳи баланд «Як камарбанд, як роҳ» Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Раиси Ҷумҳурии Мардумии Чин Си Ҷинпин мулоқот карданд.**

Дар ҷараёни мулоқот маҷмӯъи васеи масъалаҳои ҳамкории шарикии стратегӣ ва муносибати дӯстию ҳамҷавории Тоҷикистону Чин мавриди баррасӣ қарор гирифт.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар оғози мулоқот ба роҳбарият ва Ҳукумати кишвари мизбон барои истиқболи самимӣ, даъват ҷиҳати иштирок дар кори Форум изҳори сипос карда, ба ташкили кори ҳамоиши сатҳи баланд баҳои арзанда доданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз имкони вохӯрии сатҳи олӣ ҷиҳати баррасии масоили кунунӣ ва дурнамои рушди муносибатҳои дуҷониба ва мавзӯъҳои робитаҳо дар сатҳи минтақа ва ҷаҳон изҳори қаноатмандӣ карданд.

Таъкид гардид, ки кишварҳои мо муносибатҳои сиёсӣ, иқтисодӣ ва гуманитариро дар сатҳи баланд ба роҳ мондаанд ва ин имкони татбиқи мувофиқаҳои қаблан бадастомадаро фароҳтар месозад.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон нақши Чинро дар рушду тараққиёт, дастгирии татбиқи лоиҳаҳо бо ворид кардани сармояи чинӣ, афзоиши ҳаҷми гардиши мол байни ду кишвар, рушди иқтисоди миллӣ, иҷрои самараноки стратегияи миллии рушд, саноатикунонии кишвари мо ва дигар самтҳои барои ҳар ду ҷониб судовар махсус таъкид карданд.

Сарони давлатҳо таҳкими ҳамгироии пурсамарро дар доираи ташаббуси “Як камарбанд, як роҳ” ба манфиати кишварҳо зарур шумурданд.

Дар ҷараёни мулоқот масъалаҳои воридоти маҳсулоти хушсифат ва аз лиҳози экологӣ тозаи кишоварзии Тоҷикистон ба бозори Чин, ҷалби сармояи чинӣ барои рушди соҳаҳои саноати кӯҳӣ, энергетика, нақлиёт ва бахши кишоварзӣ, зарурати таъсиси Фонди сармоягузории Тоҷикистону Чин ҷиҳати дастгирии молиявии лоиҳаҳои хурду миёнаи индустриалӣ, ҳамкорӣ дар бахши нақлиётию транзитӣ бо бунёди роҳҳои дорои аҳамияти минтақавӣ, таъсиси корхонаҳои муштарак оид ба коркарди маъданҳо, баррасӣ карда шуд.

Рушди ҳамкорӣ дар бахшҳои муҳими маориф, фарҳангию гуманитарӣ ва сайёҳӣ аз мавзӯъҳои дигари мулоқот буд, ки сарони давлатҳо вобаста ба он табодули афкори судманд карданд

Дар ҷараёни мулоқот густариши муносибатҳои ҳамкорӣ дар доираи ташкилотҳои бонуфуз, аз қабили СММ, СҲШ ва дигар созмонҳои минтақавию байналмилалӣ, муҳокима карда шуд.

Ҳар ду ҷониб омодагии худро барои идомаи тадбирҳои муштарак дар роҳи мубориза бар зидди таҳдиду хатарҳои ҷаҳони муосир – терроризм, экстремизм, ҷудоихоҳӣ, ҷиноятҳои муташаккили трансмиллӣ, пешгирии гардиши ғайриқонунии маводи нашъаовар, иброз доштанд.

Барои таъмини амният дар минтақа, аз ҷумла бо дарназардошти фаъол гардидани гурӯҳҳои террористӣ дар Афғонистон таҳкими ҳамкорӣ дар ин самт зарур шумурда шуд.

Имсол Ҷумҳурии Мардумии Чин 70 — солагии таъсисёбиашро таҷлил менамояд ва вобаста ба ин Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба кишвари дӯсту ҳамсоя шукуфоии бештарро орзу намуданд.

# Мулоқот бо Президенти Академияи илмҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин Сие Фучжан

**28 апрел дар шаҳри Пекин дар доираи сафари корӣ ва иштирок дар Форуми дуюми ҳамкории байналмилалӣ “Як камарбанд, як роҳ” Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Академияи илмҳои ҷамъиятии Чин ташриф оварда, бо роҳбарият ва аъзои он мулоқот карданд.**

Мардумии Чин дар соҳаҳои мухталиф, аз ҷумла илму маориф таваҷҷӯҳи хос дорад.

Таъкид гардид, ки бояд равандҳи ҳамкории илмию таҳқиқотӣ, доир намудани конфронсу форумҳои илмию назариявӣ, ҳамчунин омӯзиши таъриху фарҳанги миллати тоҷику чинӣ, тақвияти бештар ёбад.

Президенти мамлакат аз нашри китоби пурарзиши “Тоҷикон



дар оинаи таърих” ва рӯнамоии он дар Академияи илмҳои ҷамъиятии Чин ҷиҳати муаррифии боз ҳам бештари давлати Тоҷикистон ва миллати тоҷик қаноатмандӣ намуданд.

Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро роҳбарияти Академия самимона истиқбол намуданд.

Нахуст Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Академияи илмҳои ҷамъиятии Ҷумҳурии Мардумии Чин Сие Фучжан мулоқот карданд.

Сарвари давлат иброз намуданд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон ба густариши ҳамкорӣ бо Ҷумҳурии

Дар охир изҳори итминон карда шуд, ки ҳамкории Тоҷикистону Чин минбаъд низ дар тамоми арсаҳо ба нафъи мардумони ҳарду кишвар ва сулҳу шукуфоии минтақа бемайлон густариш меёбанд.

# Баёнияи муштараки Мизи мудаввари сарони давлатҳо ва роҳбарони ҳукуматҳои Форуми дуюми ҳамкории байналмилалии «Як камарбанд, як роҳ» қабул гардид

**Дар фарҷоми кори Форум Баёнияи муштараки Мизи мудаввари сарони давлатҳо ва роҳбарони ҳукуматҳои Форуми дуюми ҳамкории байналмилалии “Як камарбанд, як роҳ” қабул гардид.**

Он аз дебоча, шаш қисм, 38 банд ва замима иборат мебошад, аз ҷумла қисмҳои: таҳкими синергияи сиёсати рушд, тақвияти ҳамбастагии инфрасохторӣ, пешбурди рушди устувор, таҳкими ҳамкориҳои амалӣ, пешбурди табодули одамон.

Дар Баёнияи муштарак бо пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон аз ҷониби 40 роҳбари давлатҳо ва ҳукуматҳо ҷонибдории татбиқи Қатъномаи Созмони Милали Муттаҳид таҳти унвони “Шарҳи миёнамуҳлати фарогири ҷараёни татбиқи Даҳсолаи байналмилалии амал “Об барои рушди устувор солҳои 2018-2028” таъкид карда шудааст.

Дар ҳошияи Баёнияи муштарак, муҳимияти рушди роҳҳои нақлиётӣ ва логистикии фароминтақавӣ, аз ҷумла роҳҳое, ки кишварҳои Осиёи Марказиро бо кишварҳои Кавказ, Аврупо, Африка, Осиёи Ҷанубӣ, Осиёи Ҷануби Шарқӣ ва минтақаи Укёнуси Ором мепайванданд, барои тақвияти имкониятҳои нақлиётӣ ва коммуникатсионии он (Осиёи Марказӣ) қайд гардидаанд.

Баёнияи муштарак ҳамчунин мавзӯъҳои ҳамкорӣ дар соҳаи кишоварзӣ, энергияи тоза ва барқароршаванда ва саноатро дар бар мегирад.

Дар Баёнияи муштараки мазкур бо пешниҳоди ҷониби Тоҷикистон табодул ва ҳамкорӣ дар соҳаи рушди деҳот ва ҳунарҳои мардумӣ дар банди 35, роҳи мошингарди “Ӯзбекистон-Тоҷикистон-Чин” дар замимаи он дар қатори дигар ташаббусҳою лоиҳаҳо ворид ва мувофиқа карда шуданд.

# Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар доираи сафари корӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин бо роҳбарони як қатор давлатҳо мулоқот намуданд

Дар доираи сафари корӣ дар Ҷумҳурии Мардумии Чин ва дар ҳошияи иштирок дар Форуми дуюми ҳамкории байналмилалии “Як камарбанд, як роҳ” Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ — Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон муҳтарам Шавкат Мирзиёев, Президенти Муғулистон Халтмаагийн Баттулга, Президенти Ҷумҳурии Қирғизистон Сооронбой Жээнбеков, Президенти Ҷумҳурии Озарбойҷон Илҳом Алиев, Президенти Конфедератсияи Швейтсария Ули Маурер, Сарвазири Ҷумҳурии Исломии Покистон Имрон Хон, Сарвазири Ҷумҳурии Сотсиалистии Ветнам Нгуен Суан Фук мулоқот карданд.

Дар ҷараёни мулоқотҳои гарму самимӣ маҷмӯи васеи масоили ҳамкорӣ ва нақшаву дурнамои муносибатҳои неки дӯстӣ мавриди баррасии ҷонибҳо қарор дода шуд.

Сарони давлатҳо дар рафти мулоқот оид ба дигар масъалаҳои байналмилалию минтақавии мавриди таваҷҷӯҳ гуфтугӯйи судманд доир карданд.

# Корманди мақомоти андоз будан шараф аст

## Табрикоти Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Давлатзода Н.М. ба муносибати Рӯзи кормандони мақомоти андоз



**Ҳамкорони муҳтарам!**

Рӯзи кормандони мақомоти андозро ба ҳамаи шумо табрик гуфта, бароятон саломатӣ, хушбахтӣ ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзу менамоям.

Андоз муҳимтарин унсур ва асоситарин воситаи молиявии давлат буда, фаъолияти тамоми соҳаҳои ҳаёти давлат ба он зич марбут аст. Аз ин рӯ, ҳар яки мову шумо бояд баҳри таъмини иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019", ки ба он рушду нумӯи минбаъдаи кишварамон алоқаманд аст, заҳмат кашида, донишу таҷриба ва малакаҳоямонро сарф созем.

Мехоҳам бо ифтихор изҳор намоям, ки тавассути заҳмати шумо – кормандони мақомоти андоз, фаъолияти бомароми тамоми соҳаҳои давлат бо маблағ таъмин гашта, дастёбӣ ба дурнамои рушди иқтисодию иҷтимоии кишвар возеҳу равшантар мегардад.

Рушди бахши хусусӣ, аз ҷумла соҳибкорӣ яке аз самтҳои асосии сиёсати иқтисодӣ буда, то имрӯз доир ба дастгирии давлатии соҳибкорӣ, содагардонии расмиёти бақайдгирии соҳибкорӣ, танзими фаъолияти иҷозатдиҳӣ ва ба танзим даровардани санҷишҳои субъектҳои хоҷагидор корҳои назаррас ба анҷом расонида шудааст. Тавре ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ёдовар шуданд, соли 2018 бо мақсади бартараф намудани санҷишҳои беасосу такрорӣ ва фароҳам овардани фазои мусоид барои рушди соҳибкорӣ, ба ҳама гуна санҷишҳои фаъолияти соҳибкорони истеҳсолӣ дар давоми ду сол мораторий эълон шудааст.

Барои тақвият бахшидан ба ин раванд, Пешвои миллат зарур шумориданд, ки солҳои 2019-2020 тамоми санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ манъ карда, муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи мораторий ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ" ба ҳамаи мақомоти санҷишу назорат ва ҳифзи ҳуқуқ татбиқ карда шавад. Бинобар ин, бо мақсади боз ҳам беҳтар намудани фазои соҳибкорӣ мо бояд тибқи дастуру роҳнамоиҳои Пешвои миллат бахши хусусӣ, соҳибкории хурду миёна, бахусус, соҳибкорони истеҳсолиро ҳамаҷониба дастгирӣ карда, ҷиҳати ҷалби сармоя дар ин самт тадбирҳои иловагиро амалӣ гардонем, ҳангоми адои вазифаҳои хизматӣ ва хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон қонунгузории ҷорӣ ва одоби муоширатро қатъан риоя намоем.

Инчунин, аз ҷониби Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод шуд, ки бо мақсади дастгирии минбаъдаи соҳибкорон дар кишварамон "300 рӯзи ислоҳот оид ба дастгирии соҳибкорӣ ва беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ" амалӣ карда шавад. Бинобар ин, моро зарур аст, ки самтҳои фаъолияти соҳа оид ба бештар ва сифатноктар намудани корҳои тавзеҳотию фаҳмондадиҳӣ ва хизматрасонӣ ба субъектҳои хоҷагидорро тақвият бахшем ва иҷрои пурраи супоришҳои Сардори давлатро дар доираи ваколатҳои худ таъмин намоем.

Ҳукумати мамлакат вобаста ба фароҳам овардани шароити мусоид барои соҳибкорон дар самтҳои мухталифи иқтисодиёт, аз ҷумла содагардонии расмиёти бақайдгирии субъектҳои соҳибкорӣ, ҳимоя ва дастгирии соҳибкорону сармоягузорон, такмили низоми андозбандӣ, содагардонии санҷишҳои фаъолияти соҳибкорӣ, ислоҳоти низоми иҷозатдиҳӣ ва иҷозатномадиҳӣ ҳамасола ислоҳоти муҳимро амалӣ менамояд.

Аз ҷумла, бо мақсади мукаммал гардонидани маъмурикунонии андоз ва андозбандӣ моҳи феврали соли гузашта ба Кодекси андоз ва Кодекси гумруки Ҷумҳурии Тоҷикистон як қатор тағйиру иловаҳо ворид карда шуданд. Дар маҷмӯъ, тағйиру иловаҳои қабулшуда 30 номгӯй имтиёзу сабукиҳоро дар бар мегиранд, ки ба беҳтар гардидани фазои сармоягузориву соҳибкорӣ дар бахшҳои воқеии иқтисодиёт ва соҳаи хизматрасонӣ равона гардидаанд.

Бо пешниҳоди Пешвои миллат солҳои 2019–2021 Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон гашт, ки мақсади он, тавре Пешвои миллат дар Паёмашон қайд намуданд, ҳалли масъалаҳои иҷтимоии аҳолӣ, таъсиси ҷойҳои корӣ, бунёду таҷдиди роҳҳои маҳаллӣ, ба талаботи муосир мутобиқ сохтани сатҳи хизматрасонӣ ва баланд бардоштани некӯаҳволии мардум мебошад.

Дар самти робитаҳои байналмилалӣ, ҳамкориҳои мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақомоти андози давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил дар чорчӯбаи фаъолияти Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти андози давлатҳои аъзои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил сол аз сол рушд ёфта, нақши Кумитаи андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти он назаррастар мегардад. Дар пойтахти давлатамон - шаҳри Душанбе 24-уми октябри соли 2018 барпо шудани Ҷаласаи 25-уми Шӯрои мазкур, ки дар он масъалаи "Маъмурикунонии андоз дар давраи иқтисоди рақамӣ" баррасӣ шуд, гувоҳи баланд шудани эътибори мақомоти андози мамлакатамон дар миқёси байналмилалӣ мебошад.

Дар ҷаласаи Шӯрои ҳамоҳангсозии роҳбарони мақомоти андози давлатҳои аъзои ИДМ ташаккул додани муносибати боэътимоди тарафайн ва ҳамкории муштараки кормандони мақомоти андоз бо андозсупорандагон асосёфта самти афзалиятноки фаъолияти мақомоти андоз арзёбӣ гардид, ки мақсади ниҳоии он бе истифодаи воситаҳои маҷбурсозӣ ва назорат, аз тарафи андозсупорандагон риоя шудани уҳдадориҳои андозиашон мебошад. Барои расидан ба мақсади мазкур мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон хизматрасониҳои электроии зиёдеро, ба мисли пешниҳоди электронии ариза барои бақайдгирӣ, пардохти электронии андозҳо, тариқи электронӣ пур кардани эъломияҳои андоз, пешниҳоди электронии ҳисобнома-фактура, пешниҳоди электронии борхати молию нақлиётӣ, анбори электронӣ ва ғайраро ҷорӣ намудааст, ки андозсупорандагон аз онҳо ҳамарӯза истифода мекунанд.

Ҷорӣ шудани хизматрасониҳои мазкур на танҳо вақт ва хароҷоти меҳнатии андозсупорандагонро сарфа месозанд, балки самаранокии маъмурикунонии андозро ҳам баланд мебардоранд.

Дар ҳамин робита фаъолияти мақомоти андоз дар самти фаъолияти муштарак бо андозсупорандагон, ба диққати онҳо расондани хусусиятҳои системаи андоз аҳамияти махсус пайдо мекунад.

Барои мақомоти андози мамлакат дар солҳои охир қабул ва татбиқ шудани Барномаи давлатии маъмурикунонии андоз то соли 2019 махсусан муҳим буда, мақсади он баланд бардоштани самаранокии маъмурикунонии андоз ва дар баробари он, баланд бардоштани сатҳи ҷамъоварии андозҳо ва кам кардани зарари андозсупорандагон, пайваста мукаммал гардондани сифати хизматрасониҳо ба андозсупорандагон мебошад.

Дар натиҷаи тадбирҳои андешидашуда боло рафтани мавқеи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар баҳогузориҳои ниҳодҳои байналмилалии молиявӣ ва беҳтар шудани фазои сармоягузорӣ мушоҳида мешавад. Дар рейтинги навбатии барномаи "Пешбурди бизнес - 2018", ки аз тарафи Бонки Ҷаҳонӣ гузаронда мешавад, Ҷумҳурии Тоҷикистон мавқеашро соли 2018 нисбат ба як соли пеш 5 банд беҳтар кард.

Бовар дорам, ки кормандони мақомоти андоз минбаъд низ вазифаҳои ба зиммаашон гузоштаи давлатро бо сарбаландӣ иҷро намуда, баҳри таъмини нишондодҳои буҷети давлатӣ, ки ба он пешрафти иқтисодию иҷтимоии кишвар вобаста аст, тамоми донишу малакаҳои касбиашонро истифода карда, дучанд саъю кӯшиш менамоянд.

Бори дигар, ҳамкасбони гиромӣ, шуморо ба муносибати Рӯзи кормандони мақомоти андоз табрику муборакбод гуфта, ба шумо ҷиҳати иҷрои вазифаҳои хизматӣ барору комёбиҳо орзу дорам.

**Ҷашн муборак!**

**Бо риояи талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" ва Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муроҷиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ" дар се моҳи соли 2019 дар миқёси вилояти Суғд аз тарафи кормандони бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ, дар маҷмӯъ, 7091 амалҳои гуногуни бақайдгирии давлатӣ гузаронида шудааст. Дар ин хусус ба мо сардори Шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар вилояти Суғд Парвиз Азизӣ хабар дод.**

# Бақайдгирии шахсони ҳуқуқӣ

Аз ин теъдод 535 адад ба шахсони ҳуқуқӣ, 6556 адад ба соҳибкорони инфиродӣ рост меояд. Аз ҷумла, бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ 60 адад, бақайдгирии давлатии барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ 51 адад, дархости маълумот аз Феҳристи ягонаи давлатӣ 131 адад, бақайдгирии давлатии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ нисбати шахсони ҳуқуқӣ 356 адад, бақайдгирии давлатии шахси воқеӣ ба сифати соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 306 адад, бақайдгирии давлатии хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ 837 адад, бақайдгирии давлатии шахсони воқеии ба сифати соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда 2573 адад, бақайдгирии давлатии қатъшавии фаъолияти шахси воқеии ба сифати соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 155 адад, бақайдгирии давлатии қатъшавии хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ 160 адад, бақайдгирии давлатии қатъшавии фаъолияти шахси воқеии ба сифати соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда 2077 адад, бақайдгирии давлатии ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Феҳристи ягонаи давлатӣ нисбати соҳибкорони инфиродӣ 357 адад, додани нусха 26 ададро ташкил медиҳад.



Мавриди қайд аст, ки мутобиқи талаботи моддаи 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" барои нигоҳдории Феҳристи ягонаи давлатӣ ё додани маълумотнома дар бораи мавҷуд набудани маълумот дар бораи ҳар як субъект аз ҷониби бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар вилояти Суғд ба суратҳисоби махсуси Кумитаи андоз 204 ҳазору 560 сомонӣ маблағ ворид карда шудааст. Инчунин, аз ҳисоби гузаронидани амалҳои бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, додани нусха (дубликат), барҳамдиҳӣ ва қатъ намудани фаъолияти субъектҳои хоҷагидор аз ҷониби бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар вилояти Суғд дар шаш моҳи соли 2018 ба маблағи зиёда аз 444 ҳазор сомонӣ боҷи давлатӣ ба буҷет ворид гардидааст.

- Шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар вилояти Суғд дар ин давра ҳамзамон як қатор корҳои назоратию таҳлилӣ ва интизомию тарбиявиро низ анҷом дод, - гуфт сардори шуъба Парвиз Азизӣ. - Пеш аз ҳама аз тарафи кормандони шуъба назорати ҳаррӯзаи фаъолияти бахшҳои бақайдгирии давлатӣ, ҳамаҷониба таҳлил ва пешниҳоди ҳисоботҳои моҳона ва фаврӣ ба роҳ монда шудааст. Инчунин аз тарафи шуъба мактубҳои назоратӣ оиди иҷрои фармоишҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва самтҳои муайян дар раванди бақайдгирии давлатӣ ирсол карда шудаанд. Ҳамзамон, аз тарафи бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Суғд барои дар амал татбиқ намудани Стандарти ягонаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон аз 12.07.2017 таҳти №316, моддаҳои 25-26 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмин намудани шаҳрвандон бо Рақами мушаххаси андозсупоранда, инчунин барои бақайдгирии андозсупорандагон назорати пайваста бурдан дар байни шаҳрвандон корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида шуданд. Дар натиҷа дар се моҳи соли 2019-ум 31 ҳазору 663 нафар сокинони вилояти Суғд бо Рақами мушаххаси андозсупоранда таъмин карда шуданд.

Доир ба ташаккул додани сармояи оинномавӣ бошад аз тарафи субъектҳои хоҷагидори дорои сармояи оинномавидошта дар давоми семоҳаи якуми соли ҷорӣ аз ҷониби шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатӣ ба суроғаи ҳуқуқии шахсони ҳуқуқӣ 367 адад огоҳинома ирсол шуда, нисбати 107 адад субъекти хоҷагидор маълумот ба Феҳристи ягонаи давлатӣ оид ба ташаккулёбии сармояи оинномавӣ ворид карда шудааст. Сармояи оинномавӣ ин маблағи воситаҳои пулӣ (активҳо, молу мулк) мебошад, ки аз ҷониби муассисон барои дастгирии фаъолияти ташкилот маблағгузорӣ карда мешавад. Ин маблағҳо арзиши номиналии ширкат дар лаҳзаи пайдоиши он буда, ба мизоҷони оянда, таъминкунандагон ва шарикони шартӣ ҳангоми муфлисшавии ширкат хизмат мерасонанд. Ин сармояи отифӣ аст, агар дар ҳолате, ки ташкилот ба кредиторон хатар эҷод кунанд. Сармояи оинномавӣ тариқи зерин муратаб гардонида мешавад: пул, коғазҳои қиматнок, маҳсулот (молу мулк, асбобҳо, мебел), ҳуқуқҳои дорои аҳамияти пулӣ (ҳуқуқи амвол, патентҳо, тамғаҳои молӣ). Тартиби ташаккулёбии сармояи оинномавӣ дар оинномаи ширкат пешбинӣ шудааст. Масалан, метавонад дар як муддат пурра ба суратҳисоби бонкӣ пардохт карда шавад ва ё онро моҳ ба моҳ якхела пардозад. Ҳиссаи муассисон дар сармояи оинномавӣ бо андозаи саҳми ҳиссаи вориднамудаашон муайян карда мешавад.

Бояд қайд намуд, ки Қонун дар бораи истифодаи сармояи оинномавӣ маҳдудиятҳо надорад. Маблаги ташакулёфтаи сармояи оинномавиро метавонанд дар фаъолияти ташкилотхо сарф намоянд. Масалан, ба иҷора гирифтан, додани музди меҳнат, хариди таҷҳизот ва ғайра. Бо вуҷуди ин, агар дар охири соли дуюм ё ҳар як соли минбаъдаи молиявӣ арзиши активҳои ширкат камтар аз сармояи оинномавии он бошад, пас бояд оид ба камшавии маблағи сармояи оинномавӣ эълон дода шавад ва ба камшавии он бо тартиби муқарраршуда кам карда шавад. Агар арзиши ин дороиҳо камтар аз ҳадди ақали сармояи оинномавӣ гардад, пас ширкат бояд барҳам дода шавад.

- Умуман, дар Феҳристи ягонаи давлатӣ ба санаи 1-уми апрели соли 2019 дар вилояти Суғд 114592 субъектҳои хоҷагидор ба қайди давлатӣ гирифта шудаанд, - қайд намуд дар ҷамъбасти суҳбат Парвиз Азизӣ. - Аз он ҷумла, 8263 адад шахсони ҳуқуқӣ, 39 адад филиал-намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷӣ, 10844 нафар соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 61051 адад хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда ва 34395 нафар соҳибкорони инфиродии бо патент фаъолияткунанда дар қайди давлатӣ мебошанд.

Бахри иҷрои қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27-уми июли соли 2016 «Дар бораи тасдиқи шакл ва тартиби истифодабарии дафтари бақайдгирии санҷишҳо» субъектҳои хоҷагидоре, ки бақайдгирии давлатиро гузаштаанд, аз тарафи Шуъбаи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ бо зиёда аз 6 ҳазор чунин дафтарҳо таъмин карда шудаанд.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Саҳми назаррас

**Мизроб АСАДУЛЛОЗОДА,**
сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе

Таъсисёбӣ ва ташаккули низоми муосири андози ҷумҳурӣ дар даврони Истиқлолияти давлатӣ ба Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайванди ногусастанӣ дорад, ки ин, албатта боиси ифтихору сарбаландии мост. Маҳз таҳти роҳнамоии Сардори давлат соҳаи андоз рушд ёфта, фаъолияташ босамартар гардида истодааст.

Имрӯз ҳар як фарди солимфикри ҷомеа медонад, ки таъмини амнияти ҷомеа ва рушди устувори минбаъдаи он аз буҷети давлат вобаста аст ва бо қаноатмандӣ метавон гуфт, ки дарки ин нуктаҳо аз ҷониби ҷомеаи шаҳрвандӣ ва андозсупорандагон муҳимтарин омили таъмини нишондиҳандаҳои қисми даромади буҷет маҳсуб меёбад. Мақомоти андоз дар асоси таҷрибаҳои илман асоснок мукаммал гардида, дар таъмини фаъолияти устувори низоми андозбандии мамлакат ва баровардани ниёзҳои аҳолӣ нақши муҳимро мебозанд. Қобили қайд аст, ки дар пешрафти соҳа саҳми мақомоти андоз дар шаҳри Душанбе арзанда аст.

Фаъолияти Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ҷиҳати беҳтар намудан ва дар сатҳи замонавӣ ба роҳ мондани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва дар ин робита, таъмин кардани рушди соҳибкорӣ ва дар маҷмӯъ, ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ назаррас мебошад. Яке аз самтҳои афзалиятноки фаъолияти мақомоти андози ҷумҳурӣ ин корҳои фаҳмондадиҳӣ оид ба қонунгузории андоз ба ҳисоб меравад. Вобаста ба ин, кормандони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе бо иштироки васеи андоз-супорандагон пайваста семинар – машварату вохӯриҳо баргузор менамоянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки нақшаи қисми даромади буҷет дар шаҳри Душанбе дар семоҳаи аввали соли 2019 аз рӯи контингенти умумӣ (бе андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ба андозаи 104,0 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 666,1 млн. сомонии пешбинишуда, ба буҷет 692,8 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба нақша 26,7 млн. сомонӣ ва нисбат ба маблағҳои дар ҳамин давраи соли 2018 воқеан ҷамъоваригардида 59,8 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Кормандони раёсат дастуру супоришҳои роҳбарияти Кумитаи андоз ва Мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Душанберо ба роҳбарӣ гирифта, пайваста кӯшиш менамоянд, ки вазифаҳои ба зиммаашон вогузоршударо сари вақт ва босифат иҷро намоянд.

Аз фурсати муносиб истифода намуда, тамоми кормандони мақомоти андозро бо иди касбияшон табрик гуфта, ба онҳо дар амалишавии нақшаҳои минбаъда муваффақиятҳои беназир хоҳонам.

# Саҳм дар ғановати хазина

Ҷумъахон НУРЗОДА,
сардори Раёсати андоз дар вилояти Хатлон

**Бо шарофати истиқлолияти комил, сулҳу ваҳдати саросарӣ, якдилии мардуми тоҷик дар партави раҳнамоию дастгириҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар баробари соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар соҳаи андоз низ рушд кард.**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар фаъолияти кормандони мақомоти андоз бо истифода аз имкониятҳои мавҷуда шароити кориро муҳайё сохт ва кори ин соҳа дар Тоҷикистон ҳамқадами замон гардид. Кормандони Раёсати андоз дар вилояти Хатлон ва нозироти андози шаҳру навоҳии он бахри сазовор будан ба дастгириву бовариҳои давлату Ҳукумат ва роҳбарияти Кумитаи андоз маҳорати баланди касбии худро дар самти иҷрои вазифаву уҳдадориҳо истифода карда, хизматрасонии босифатро ба андозсупорандагон ба роҳ мондаанд. Дар се моҳи аввали соли 2019 иҷрои нақшаи андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 100,4% таъмин гардида, ба ҷойи 336 миллиону 633,4 ҳазор сомонии пешбинишуда, ба буҷет 337 миллиону 812,3 ҳазор сомонӣ ворид шуд, ки ин нисбат ба нишондиҳандаҳои нақшавӣ 1,2 млн сомонӣ зиёд мебошад. Дар семоҳаи аввали сол амалиёти андозбандишавандаи андоз аз арзиши иловашуда дар миқёси вилоят ба 1022,3 миллион сомонӣ баробар буда, нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта ба маблағи 106,9 миллион сомонӣ зиёд гардидааст, ки аз ҳисоби ШНАК дар вилояти Хатлон 2,2 миллион сомонӣ ва мутаносибан аз ҳисоби нозиротҳои андоз маблағи 104,7 миллион сомониро ташкил медиҳад.

Кормандони мақомоти андози кишварро бо иди касбиашон шодбош гуфта, дар самти иҷрои вазифаву уҳдадориҳо муваффақиятҳо хоҳонам. Орзу дорам, ки ҳамкасбони азиз дар фазои сулҳу ваҳдати комил бо ифтихору сарфарозӣ ва ватандӯстию хештаншиносӣ адои вазифа намуда, ба қуллаҳои мақсуд бирасанд.

**Ид муборак, ҳамкасбони арҷманд!**

# Шукргузории соҳибкор



**Соҳибкорӣ падидаи даврони соҳибистиқлолии кишвар буда, имрӯз ба пешравиҳои зиёд ноил шудааст. Ба соҳибкорон тибқи қонун як қатор имтиёзҳо муқаррар шудаанд. Эълон гардидани мораторий ба ҳамаи намуди санҷишҳо ба хотири дастгирии соҳибкорон аст. Акнун соҳибкори асилро лозим аст, ки аз сидқи дил баҳри пешрафти Ватан камари ҳиммат бандад.**

**Аламшоҳ Ҳусейнов аз ҷумлаи соҳибкорони муваффақи шаҳри Роғун ба ҳисоб меравад. Ӯ кӯшиш мекунад, ки кораш дар бахши соҳибкорӣ рӯз аз рӯз ривоҷу равнақ ёбад. Натиҷаи заҳмату талошҳояш соҳибкорро ба қуллаи мурод мерасонад. Ояндаро бо назари нек менигарад. Зимни суҳбат дарк намудем, ки бовари ӯ нисбат ба соҳаи интихобкардааш хеле зиёд аст.**

- Сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонро мо, ҷавонон, ҳамаҷониба дастгирӣ менамоем, - мегӯяд А.Ҳусейнов. – Худи ман ба ҳайси соҳибкор аз дастгириҳои Сардори давлат ва Ҳукумати мамлакат бениҳоят сипосгузорам.

Аламшоҳ бо ҷаҳоне пур аз умеду орзуҳо пайи ин пеша рафт. Ҳанӯз айёми наврасӣ меҳри ӯро падари бузургвораш Абдуқайюм Ҳусейнов дар ин ҷода бедор намуда буд. Падар пайваста заҳмату талош баҳри беҳбудии зиндагонӣ дошт. Дар ин радиф, бехабар аз шавқи фарзанди хеш танҳо ба хотири таъминоти аҳли оилааш кӯшиш мекард. Аммо Аламшоҳи зирак ин ҳама рафтору муносибати қиблагоҳашро дар дил маскан мекард. Мехост дар оянда мисли падари хеш заҳматкашу соҳибобрӯ бошад.

Абдуқайюм Ҳусейнов осиёби хурд сохта ба истифода дод. Вақте санги осиёбаш гардон шуд, аён гардид, ки хуб кор мекунад. Пас аз бовар ҳосил намудан, акнун ба хизмати мардум пардохт. Мардум аз гирду атроф гандумҳои хешро ба осиёби акаи Абдуқайюм меовардагӣ шуданд. Сипас мақсадҳои дигарро, ки дар дил мепарварид, хизмат расонидан ба одамон буд. Устохонаи таъмири телевизору радио ва дигар таҷҳизоти рӯзгор низ дар хизмати мардум қарор дод. Сехи дӯзандагиро ҳам ба роҳ монд. Ин ҳама даву този падарро дида, дар дили Аламшоҳ меҳри савдову тиҷорат ва пайи хизмати мардум будан ҷӯш мезанад.

- Худ хатмкардаи Донишгоҳи политехники Тоҷикистон мебошам, аммо меҳри соҳибкориро нахуст дар қалби ман падарам ҳанӯз дар овони кӯдакӣ ҷо карда буд, - мегӯяд Аламшоҳ. – Аз ин хотир, ман бо мурури замон рӯ овардам ба соҳибкорӣ. Пешаи соҳибкорӣ аз кас масъулияти зиёдеро тақозо мекунад. Яъне соҳибкорро лозим аст, ки аз рӯи виҷдон ва бо дасту дили пок фаъолият намояд. Боадлу инсоф бошад.

Аламшоҳ Ҳусейнов маблағҳои андозҳоро сари вақт ба буҷети давлат пардохт менамояд. Тавре аз суҳбат дарёфтем, ба халқу Ватани хеш садоқати беандоза дорад. Тоҷикистони азизро дар оянда шукуфову ободдидан мехоҳад. Ӯ зикр мекунад:

- Соҳибкор бояд софдилона ва содиқона фаъолияташро пеш барад. Зеро чунин амал намудан манфиати зиёд дорад ва самараи хуб меорад. Дар ҳоли ҳозир мо бо нафарони зиёде дучор меоем, ки ҳамеша аз ноомадии кор шикоят мекунанд. Ҳол он ки бо




шиква кор пеш намеравад. Балки пайи амалӣ гаштани орзуҳои хеш бояд ҷидду ҷаҳд намоем. Зиндагӣ мубориза аст ва мо ҳам барои амалӣ шудани орзуҳо бояд камари ҳиммат бандем, - мегӯяд Аламшоҳ.

Аламшоҳ Ҳусейнов ҳанӯз орзуҳои зиёде дар дил мепарварад. Гузашти вақт нишон хоҳад дод, ки Аламшоҳ ба муваффақиятҳои пешаи интихобкардааш ноил мегардад.

**Тоҷиниссои ЗАЙНИДДИН**

# Ҳадафҳои нек

**Бо шарофати Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон ва таҳти роҳнамоиҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мо ба муваффақиятҳо ноил шуда истодаем. Ҳамарӯза дар тамоми манотиқи мамлакат нишонаҳои зиёди ободиро метавон мушоҳида намуд, ки аз баракати меҳнати осоиштаанд. Воқеан, дар ҳамаи бунёдкорию созандагиҳо саҳми кормандони соҳаи андоз ҳам назаррас аст.**

Системаи андозу буҷет механизмҳое ба ҳисоб мераванд, ки тавассути онҳо ниёзмандиҳои иҷтимоию иқтисодии ҷомеа ҳаллу фасл мешаванд. Андозҳо аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки барои қаноатманд намудани ниёзҳои иҷтимоӣ ва давлатдорӣ дар ҷомеа нақши бисёр муҳимро мебозанд. Зеро давлат сиёсати иқтисодию иҷтимоии худро тавассути андозҳо муназзам месозад.

Бисёр хуш аст, ки кормандони мақомоти андоз, ҳар сол иди касбии худро дар фазои сулҳу осоиш, ваҳдату ягонагӣ ва рӯҳияи баланди ҳамдигарфаҳмию ватандӯстӣ истиқбол менамоянд. Маҳз таҳти роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон Кумитаи андоз имрӯз ба яке аз мақомоти бонуфузи давлатӣ табдил ёфтааст. Мо инро дар мисоли рушд ва татбиқи ҳамаҷонибаи технологияҳои иттилоотию коммуникатсионӣ дар фаъолияти мақомоти андоз, ташкил ва мавриди истифода қарор ёфтани самтҳои нави маъмурикунонии андоз ва навгониҳои дигари соҳа дида метавонем.

Тавре маълум аст, ҳамасола 4-уми май дар кишвар ҳамчун Рӯзи кормандони мақомоти андоз ҷашн гирифта мешавад. Дар сатҳи давлатӣ қайд намудани он аз таваҷҷуҳи хосаи давлату Ҳукумати кишвар нисбати ин соҳа шаҳодат медиҳад.

Бояд тазаккур дод, ки Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон бо омода намудани мутахассисони соҳаи андоз ва андозбандӣ дар пешбурди соҳа саҳми назаррас дорад, зеро бе кадрҳои баландихтисос пешравӣ инконнопазир аст. Бинобар ин, мо умед дорем, ки ҳамкории ДДМИТ бо Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд низ тақвият ёфта, дар омодасозии мутахассисон ва дар амал татбиқ намудани ҳадафҳои созанда бо роҳи татбиқи илм дар истеҳсолот роҳандозӣ мегардад. Ҳамаи кормандони мақомоти андозро бо иди касбиашон табрик гуфта, бароашон муваффақиятҳои нав ба навро орзумандем.

**Гурӯҳи устодони кафедраи андоз ва андозбандии ДДМИТ**

**Ҷамъияти дорои масъулияташ маҳдуди Маҷмааи меҳмонхонаҳои «Абдуқодир Ҷабборзода» андозсупорандаи беҳтарини мақомоти андози вилояи Суғд мебошад. Ҷамъияти мазкур ба корҳои созандагию бунёдкорӣ машғул буда, дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон, аз қабили шаҳру ноҳияҳои Душанбе, Рӯдакӣ, Бӯстон, Гулистон, Бобоҷон Ғафуров ва шаҳри Москваи Федератсияи Россия меҳмонхонаҳо сохта ба истифода додааст.**

# Андозсупорандаи намунавӣ

- Дар ҳама шаҳру ноҳияҳое, ки меҳмонхонаҳои мо фаъолият доранд, ҷамъияти мо бо мақомоти андоз муносибати шарикона ва ҳамкории қавӣ дорад,-таъкид дошт зимни суҳбат бунёдгузори ҶДММ Маҷмааи меҳмонхонаҳои «Абдуқодир Ҷабборзода» Абдуқодир Ҷабборов. Ҷамъият андозҳои бар зиммааш гузоштащударо сари вақт ва дуруст ҳисобу пардохт менамояд.

Аслан, ҳадафи таъсиси ҷамъият ташкил намудани ҷойҳои нави корӣ дар минтақаҳои гуногуни кишвар ва дар ин замина, ҳамчун сарчашмаи нави андозбандӣ ва воридоти маблағҳо саҳм гузоштан дар қисми даромади буҷети давлатӣ мебошад. Айни ҳол дар меҳмонхонаҳои ҷамъият воқеъ дар шаҳри Душанбе, навоҳии тобеи марказ ва вилояти Суғд хизматрасонии замонавӣ ба мизоҷон ба роҳ монда шудааст. Дар ин меҳмонхонаҳо садҳо нафар сокинони мамлакат бо ҷои кори доимӣ таъмин шудаанд.

- Мо аз он қаноатманд ҳастем, ки Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти ҳудудии он ҳамеша фикру андешаҳои мо - андозсупорандагонро дар бобати андоз ва андозсупорӣ ба инобат гирифта, мавриди омӯзишу баррасӣ қарор медиҳанд. Дар ин раванд барои маъмурикунонии андоз ва осону сода намудани ҳисобу пардохти андозҳо тадбирҳои амалӣ андешида мешаванд, - илова дошт Абдуқодир Ҷабборов. - Дар мисоли гузаштан ба пешниҳоди электронии эъломияҳои андоз, ки айни ҳол ҷамъияти мо низ ҳисоботи андозии худро тариқи электронӣ пешниҳод менамояд. Ин тадбир ба дурустии ҳисобу супоридани андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, сарфаи вақт, аз байн рафтани омилҳои коррупсионӣ ва шаффофияти фаъолияти мақомоти андоз ва ҳам андозсупорандагон мусоидат намудааст.

Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 таъкид гардидааст, ки Ҳукумати кишвар ба масъалаи шуғл ва таъсиси ҷойҳои нави корӣ диққати махсус дода, дар ин самт якчанд барномаҳои давлатиро амалӣ намуда истодааст. Аз ин рӯ, мо - соҳибкорони ватанӣ низ бояд бо амалҳои созандаи худ дар ҷодаи ободонии кишвар, таъсиси ҷойҳои нави корӣ, баланд бардоштани сатҳи иҷтимоиёти аҳолӣ саҳмгузор бошем.

Ба истиқболи ҷашни фархундаи 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҶДММ Маҷмааи меҳмонхонаҳои «Абдуқодир Ҷабборзода» тасмим гирифтааст, ки боз чанд меҳмонхонаҳои наву замонавиро дар дигар шаҳру ноҳияҳои мамлакат мавриди баҳрабардорӣ қарор диҳад. Ба ин васила воридоти маблағҳо аз ҳисоби фаъолияти меҳмонхонаҳои навбунёди ҷамъият ба буҷети давлатӣ бештар гардида, ҳамзамон ҷойҳои нави корӣ таъсис дода мешаванд.

Суҳбати мо бо сардори ҷамъияти мазкур Абдуқодир Ҷабборов дар арафаи Рӯзи кормандони мақомоти андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ҳамасола санаи 4-уми май таҷлил мегардад, ҷараён дошт. Мавсуф изҳор дошт, ки кормандони мақомоти андоз, дар ҳақиқат, кори пурмасъулияти ҷамъоварии андозҳо ва дигар пардохтҳои ҳатмӣ, дар маҷмӯъ, таъмини қисми даромади буҷети давлатиро бар дӯш доранд. Дар ин кори пурмашаққат ба онҳо барору муваффақият таманно менамоям.

**Тоҳирҷон ИСКАНДАРЗОДА,**
**вилояти Суғд**

# Риояи қонун – қарзи ҳар соҳибкор



**Ҳадафи асосии ҳар гуна фаъолият ба даст овардани фоида аст. Дар баробари он, соҳибкор уҳдадор аст, ки қонуну қоидаҳо ва тартибу низоми муқаррарнамудаи давлатро риоя намояд. Дар асоси дуруст иҷро кардани ҳамаи вазифаю уҳдадориҳои соҳибкорон давлат, мутобиқан, барои фаъолияти онҳо шароит муҳаё месозад. Бо вуҷуди он, дар фаъолияти зумрае аз соҳибкорон амалҳои вайрокуниҳои қонун мушоҳида мешавад.**

Мақомоти андоз барои муайян намудани чунин ҳолатҳо корҳои назоратӣ пешбинӣ кардааст. Дар ҳамин робита, Гурӯҳи кории Нозироти андозсупорандагони миёнаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тибқи Амрномаи сардори НАМ бо мақсади гузаронидани санҷиши амалиётӣ ба ҶДММ «Меҳмонхонаи атлас ҳотел» сафарбар гардид.

ҶДММ «Меҳмонхонаи атлас ҳотел» дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе воқеъ буда, ҳамчун шахси ҳуқуқӣ дар қайди НАМ аст. Тибқи маълумоти бадастомада маълум гардид, ки роҳбар ва муассиси ҶДММ «Меҳмонхонаи атлас ҳотел» шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, мудтатест, ки ба фаъолияти хизматрасонӣ ба муштариён ва қабули меҳмонон машғул мебошад.

Гурӯҳи корӣ муайян кард, ки ҷамъияти мазкур талаботи Кодекси андоз ва иҷрои уҳдадориҳои худро ба пуррагӣ риоя намекардааст. Ҳамзамон, дар фаъолияти он ҳолатҳои дигари пинҳонкориҳо муайян ва ошкор гардид.

Тибқи иттилои Гурӯҳи корӣ, нисбати ҷамъият ба таври илова 138541 сомонӣ андозҳо ҳисоб гардид, ки аз он 27754 сомонӣ андоз аз арзиши иловашуда, 58493 сомонӣ андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ, 1542 сомонӣ андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард, 17248 сомонӣ андоз аз даромади шахсони воқеӣ ва 33504 сомонӣ андози иҷтимоиро ташкил медиҳад.

Ҳамзамон, Гурӯҳи корӣ дар фаъолияти ҷамъият баъзе қонуншиканиҳоро ошкор кард, ки нисбати он бо моддаҳои дахлдори Кодекси андоз ва Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маблағи 10000 сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ муқаррар намуд.

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**

# Баҳри самаранокии фаъолият

**Абдуқаюм ВОҲИДОВ,**
сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд

Дар даврони Истиқлолият таъсисёбӣ ва ташаккули низоми муосири андози ҷумҳурӣ бо номи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ–Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайванди ногусастанӣ дорад. Дар заминаи дастгирии ҳамаҷониба ва роҳнамоии Пешвои миллат мақомоти андози кишварамон сол аз сол рушду инкишоф ёфта, фаъолияти босамари худро амалӣ намуда истодааст. Ҷавобан ба чунин ғамхорӣ кормандони мақомоти андози вилояти Суғд дар иҷрои вазифаҳои худ баҳри маъмурикунонии андозҳо, ҷорӣ намудани технологияҳои муосири иттилоотӣ, қабул ва коркарди эъломияҳои андоз дар шакли электронӣ, ки яке аз омилҳои муҳимтарини баланд бардоштани сатҳу сифати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дониста мешавад, масъулиятшиносӣ зоҳир менамоянд.

Кормандони мақомоти андози вилояти Суғд сари вақт аз ӯҳдаи иҷрои нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ сарбаландона баромада, онро пурраву барзиёд таъмин намуда истодаанд. Ин дастовардҳо бо талошу роҳнамоиҳои ҳамарӯзаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастгирию ҳамкории мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ба даст оварда шудаанд.

Агар бо назари таҳлили нигоҳ кунем, маълум мешавад, ки дар 5 соли охир воридоти маблағи андозҳо ва дигар пардохтҳо дар вилояти Суғд аз 1239,8 ҳазор сомонии соли 2013 то 2589,2 ҳазор сомонӣ дар соли 2018 афзоиш ёфтааст, ки 2,1 маротиба зиёд мебошад. Албатта, сол аз сол зиёд гардидани нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ дар назди кормандони мақомоти андоз масъулияти баланди касбиро тақозо менамояд. Аз ин рӯ, ҳар як корманди соҳаро лозим аст, ки бо ҳисси баланди ватандӯстӣ дар иҷрои вазифаҳои бар дӯш доштааш дар ғанӣ гардонидани буҷети давлатӣ ва ободии Тоҷикистон саҳми арзанда гузорад.

Мақомоти андози вилояти Суғд дар арафаи таҷлили иди касбӣ нақшаи пешбинишудаи қисми даромади буҷети давлатиро дар се моҳи соли 2019 пурра иҷро намуданд, ки ин ҳам дастовези арзанда ба Рӯзи кормандони мақомоти андоз мебошад. Ба буҷети давлатӣ бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 683,5 миллион сомонӣ маблағ ворид гардидааст, ки нисбат ба нақша 27,3 миллион сомонӣ зиёд мебошад.

Бо истифода аз фурсат Рӯзи кормандони мақомоти андозро ба кулли кормандони соҳа ва андозсупорандагон муборакбод гуфта, дар фаъолияташон комёбиҳо таманно дорам.

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Теплицы дачников облагают налогами



**Если дачники отказываются оформлять теплицы как объекты недвижимости, то их штрафуют**

Граждан РФ пытаются привлечь к ответственности за нелегально установленные теплицы на дачных участках. Такая информация поступает из регионов, поведал глава президиума межрегиональной общественной организации садоводов, огородников и дачников «Цветущая родина» Владимир Шаталинский, передает URA.RU.

По его словам, власти вынуждают людей оформлять теплицы как объекты недвижимости и платить за них налоги, в ином случае их просто штрафуют.

Стоит отметить, что некоторых владельцев теплиц уже оштрафовали.

http://taxpravo.ru

# Пешравӣ ва дониш – унсурҳои хоси замони мо

**Уқболшо ДОДИХУДОЕВ,**
сардори Раёсати андоз дар ВМКБ

Агар инсон аз таҷрибаи кории худ ва ҳамкорон баҳра набардорад у ҳамарӯза барои боло бурдани сатҳи донишу малакааш талош накунад, ба ҳеҷ пешравие ноил намешавад. Аз ин рӯ, ман ҳамкасбони ҷавони худро ба иди касбиашон табрик мекунам ва чун як корманди собиқадори ин соҳа ба онҳо маслиҳат медиҳам, ки дониши иқтисодию технкии худро пайваста такмил диҳанд. Зеро дар ин асри зудтағирёбанда, агар дар ғафлат монӣ, маълумоти зиёдро аз даст хоҳӣ дод.

Ман ба дониш, истеъдод, маҳорату кордонӣ ва хислатҳои инсонии ҳар як корманди мақомоти андози вилоят шакку шубҳае надорам ва умедворам, ки бо кори пурсамари худ онҳо дар рушди соҳаҳои мухталифи кишвар ва боз ҳам зебову шукуфо гардондани Тоҷикистони азиз саҳми арзишманд мегузоранд. Маҳз дар натиҷаи ҳамкории судманди кормандони мақомоти андоз ва соҳибкорони инфродию шахсони ҳуқуқӣ дар шаҳру деҳот коргоҳу корхонаҳои хурди истеҳсолӣ афзоиш ёфта, садҳо нафар соҳиби шуғли доимӣ гардиданд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии мамлакат чунин таъкид намуданд: "Сайёҳӣ яке аз соҳаҳои муҳими бо шуғл фаро гирифтани аҳолии қобили меҳнат, баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум, рушди дигар соҳаҳои хизматрасониву истеҳсолӣ, инчунин, муаррифии таъриху фарҳанг, табиат ва анъанаҳои миллӣ ба ҳисоб меравад". Мо - кормандони мақомоти андоз барои дар амал татбиқ намудани ин ҳидоятҳои Пешвои миллат бо соҳибкорони ватанӣ ҳамеша ҳамкорӣ мекунем ва дар таҳияи санадҳои зарурӣ ба онҳо маслиҳат медиҳем, бо Кодекси андоз онҳоро аз наздик ошно менамоем, то ки онҳо дар фаъолияти минбаъдаи худ ба ягон мушкилоти ҳуқуқӣ рӯ ба рӯ нагарданд.

Бо истифода аз фурсат ҳамаи ҳамкасбони худро бо Рӯзи кормандони мақомоти андоз табрик намуда, ба онҳо саломатӣ, муҳаббату садоқат ба касбу корашон таманно дорам.

# Сутуни устувори давлат

**Имрӯз барои мо - кормандони мақомоти андоз як рӯзи хос аст. Иди касбии худро таҷлил мекунем. Одатан дар чунин рӯзҳо одамон ба гузаштаи худ назар меандозанд ва дар бораи ояндаашон андеша мекунанд. Ман низ, ки бештар аз 30 соли ҳаёти худро сарфи ин касб намудам, гузаштаро бо имрӯз муқоиса кардам.**

Дар шароите, ки имрӯз мутахассисони ҷавони соҳа кор мекунанд, чанд даҳсола дар тасаввури мо намеғунҷид. Танҳо барои муқоисаи санаду ҳуҷҷатҳо мо идора ба идора, корхона ба корхона гашта, ҳафтаҳоро сарфи ин кор мекардем. Мизоҷон ҳам барои дастрас кардани як маълумотнома даҳҳо километрро тай менамуданд. Воқеан ин касб хеле мураккаб, масъулиятпазир ва дар айни замон пурифтихор аст.

Пешрафти иқтисоди кишвар, ободии шаҳру деҳот, бунёди корхонаҳои нави истеҳсолӣ ва ҷойҳои нави корӣ аз бисёр ҷиҳат ба малакаву маҳорати касбии мо вобаста мебошад ва бовар дорам, ки мутахассисони ҷавони ин соҳа ба такмили дониши касбии худ аҳамияти бештар хоҳанд дод. Ба мизоҷон хизмати арзанда мерасонанд ва барои ба вуҷуд овардани манбаъҳои нави андоз дар ҳамкорӣ бо бахшҳои давлатию хусусӣ роҳҳои наву муассирро ҷустуҷӯ мекунанд. Зеро ҳеҷ як давлат, хоҳ хурд бошад, хоҳ бузург, бе андоз қадаме ба пеш монда наметавонад.

Аслан, андоз яке аз сутунҳои нахустини ва муҳими давлатдорӣ низ шумурда мешавад. Бунёд тавассути мақомоти андоз ғанӣ мегардад.

Ҳар як давлат низоми хоси андозбандии худро дорад, вобаста ба талаботи иқтисодии кишвар бандҳои Кодекси андоз низ тағйир меёбанд, меъёрҳо кам ё зиёд мешаванд, баъзе манбаъҳои андоз аз байн мераванд ва боз манбаъҳои иловагӣ пайдо мешаванд. Аммо рисолату ҳадафи аслии андоз, яъне таҳкими сохтори давлатдорӣ ва рушди иқтисодию иҷтимоии он боқӣ мемонанд. Аз ин рӯ, давлат бе андоз фаъолияти муназзам надорад.

Кулли ҳамкорону ҳамкасбони худро ба иди касбиашон табрик мекунам. Ҳамеша тани сиҳат, фикри солиму созанда ва ҳамкорони содиқу бовафо дошта бошед. Хушбахту хушиқболу хушқадам ва хушназар бошед!

**Барзу ОРУМБЕКЗОДА,**
**собиқадори мақомоти андоз,**
**шаҳри Хоруғ**

# Пайроҳаи ибратомӯз

**Имрӯз сафи онҳое, ки бо заҳмати софдилона ва шабонарӯзӣ дар пешрафти соҳаҳои хоҷагии халқ нақши созгор доранд, хеле зиёд гардидаанд. Ориф Саидов аз ҷумлаи онҳоест, ки дар рушд ва пешрафти соҳаи андоз дар вилояти Хатлон фаъолият намудааст. Ӯ аз соли 1992 дар Раёсати андози вилояти Хатлон ба сифати мутахассиси шуъбаи нарх корро шурӯъ намуда, то соли 2010 дар ин ҷо адои вазифа кардааст. Имрӯз ҳамчун собиқадори соҳаи андоз, маслиҳатгару роҳнамои мутахассисони ин минтақа буда, дар нафақа давлати пирӣ меронад.**

**Дар арафаи таҷлили Рӯзи кормандони мақомоти андоз бо собиқадори соҳа – Ориф Саидов суҳбате анҷом додем, ки онро пешниҳод менамоем:**

**- Чун дар арафаи иди касбии шумо қарор дорем, ба ин муносибат табрикатон мегӯем.**

- Ташаккур.

**- Аз аввалин рӯзҳои фаъолият дар соҳаи андоз ёдовар мешудед.**

- Соли 1992 – юм Кумитаи андози вилояти Хатлон таъсис ёфт ва сардори он Абдусамад Маликов таъин гардид. Ӯ дар қатори дигарон маро низ ба кор даъват кард. Гуфт, ки бояд кори соҳаро пеш барем. Зеро андоз асоси ғановати буҷети давлат мебошад. Корро қабул кардам, шароити корӣ хеле душвор буд. Дар он солҳо шароити мардум низ вазнин буд ва мардум андозро хуб намефаҳмид. Хона ба хона гашта андоз ҷамъоварӣ мекардем. Мушоҳида кардем, ки пас аз тақсимоти заминҳои Президентӣ мардум рӯ ба деҳӣ ниҳод. Соли 1998 шуъбаи нархи Раёсати андоз барҳам дода шуд ва фаъолиятро дар дигар соҳа идома додам.

**- Ба андешаи шумо, чӣ гуна шахс дар ин соҳа метавонад кор кунад?**

- Нафаре, ки пеш аз ҳама, бо андозсупоранда муомилаи хуб карда тавонад. Агар шахс дар ин ҷода муваффақ шудан хоҳад, бояд ҷӯянда бошад. Аз тамоми қонуну қоидаи андозсупорию андозситонӣ огоҳ бошад. Зеро корманди мақомоти андоз раҳнамои андозсупоранда мебошад. Агар фаҳмиши хуб, дониши кофӣ, муносибати нағз дошта бошӣ, назди андозсупорандагон ҳатман эҳтиром пайдо мекунӣ ва корат осон мешавад. Вазифаи корманди андоз дар ҳуҷраи корӣ нишаставу супориш додан нест. Ҳаргиз аз қонун берун баромадан лозим нест. Дар чаҳорчӯбаи талаботи қонун фаъолият намудан даркор аст. Дар ин маврид на танҳо дар байни андозсупорандагон, балки миёни кормандони мақомоти андоз низ мақому манзалати баландро соҳиб мешавӣ ва чун беҳтарин корманди соҳа эътироф мекунанд.

**- Шумо аз соли 1992 то соли 2010 дар ин соҳа кор кардаед ва имрӯз медонед, ки шароту имкониятҳо чигунаанд. Дар ин бора чӣ мегӯед?**

- Он замон корро аз сифр шурӯъ карда будем. Он вақт такмили ихтисос, бозомӯзӣ гуфтани гап набуд. Мо бо донишҳои худ кор мекардем. Ҳоло бо ҳуҷраи кории корманди мақомоти андоз медарой, мизу курсӣ, компютерҳои корӣ ва интернетро мебинӣ, ҳазорон маротиба аз сулҳу субот ва ягонагӣ шукргузорӣ менамоӣ. Пештар дар як мизи корӣ ду - се нафар кор мекардем. Ҳоло тамоман дигар. Ин нишони ободию пешрафт дар кишвар мебошад. Ғайр аз ин, кор бо андозсупорандагон низ осонтар аст. Зеро як қатор қонунҳо мавриди амал қарор доранд, ки дастурамали тайёри кори корманди мақомоти андоз мебошанд. Яъне ба ту мегӯяд, ки бояд чӣ кор кунӣ. Ҳамзамон, донишу фаҳмиши андозсупорандагони имрӯз аз солҳои 92 –юм куллан фарқ мекунад. Имрӯз андозсупорандагон фаҳмиши хуб доранд.

Ин ҳама самараи истиқлолияти комили кишвар ва сулҳу ваҳдату ягонагӣ бо роҳнамоиҳои Пешвои муаззами миллат мебошанд.

**- Кор дар ин соҳа ба шумо чӣ дод?**

- Кор дар ин соҳа ба ман обрӯву эътибор дод. Агар софдилона ва аз рӯи виҷдон кор кунӣ, дар кадом соҳае, ки бошӣ, муваффақ мешавӣ. Фақат хоҳиш ва майлу рағбат даркор аст. Фарзандонро хуб тарбия карда тавонистам, зеро кор дар ин соҳа фаҳмишамро низ беҳтар кард.

**- Дар бораи Рӯзи корманди мақомоти андоз чӣ мегӯед?**

- Таҷлили Рӯзи кормандони мақомоти андоз гувоҳи ғамхории Роҳбари давлат нисбати кормандони соҳаи андози кишвар мебошад. Солҳои аввали корӣ мо ҳатто тасаввур карда наметавонистем, ки чунин рӯз мешаваду мо таҷлилаш мекунем. Таҷлили Рӯзи корманди мақомоти андоз ҳамаи кормандони соҳаро руҳбаланд намуда, ба кор дилгармтар менамояд.

- Аз фурсат истифода карда, ҳамаи кормандони мақомоти андозро бо иди касбиашон табрик гуфта, ба онҳо тандурустӣ ва сарбаландию хонаободӣ таманно мекунам.

**Мусоҳиб**
**С. РУСТАМ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Малайзия вводит налог на выезд из страны

**Налог коснется туристов, которые покидают страну на регулярных рейсах и круизах**



Туристический налог на выезд в размере от 20 до 40 ринггитов (309-617 руб.) будут взимать в Малайзии с 1 июня 2019 г. Налог коснется туристов, которые покидают страну на регулярных рейсах и круизах. Пассажиров чартерных рейсов сбор не коснется, пишет Интерфакс со ссылкой на издание New Straits Times.

Размер налога составит 20 малайзийских ринггитов (309 руб.) — при выезде в страны АСЕАН (Таиланд, Вьетнам, Индонезия, Камбоджа, Филиппины, Сингапур, Мьянма, Бруней, Лаос) и 40 ринггитов (617 руб.) — по другим направлениям.

Местные власти убеждены, что налог на выезд не сильно скажется на туристическом потоке в страну. «Подобный сбор действует во многих странах - кто-то взимает его как налог, а кто-то включает в стоимость билетов», — отметил министр туризма и культуры страны Мохамаддин Кетапи.

Напомним, что в январе Япония ввела налог на выезд в размере 1 тыс. йен (570 руб.) для каждого, кто покидает страну на самолете или корабле. Пошлиной облагаются как граждане страны, так и иностранцы.

http://taxpravo.ru

# Санҷиши амалиётӣ

## чиро ошкор намуд?



**Санҷишҳои андоз, асосан, бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти саривақтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупорандагон гузаронида мешавад. Имрӯз корҳои назоратӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳим ва назарраси фаъолияти мақомоти андоз ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қарор дорад.**

Натиҷаи корҳои назоратӣ шаҳодат медиҳад, ки агарчи маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба даврахои қаблӣ беҳтар гардида, сатҳи қонуншиканиҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо ҳоло ҳам корҳои назоратӣ дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида қонунвайронкуниҳои андозро ошкор менамояд.

Барои боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон кормандони мақомоти андоз дар фаъолияти соҳибкорон пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ мегузаронанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ ин гузаронидани санҷиши амалиётӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз аз тарафи андозсупорандагон мебошад.

Тавре сардори шуъбаи санҷишҳои амалиётӣ, назорати фаврӣ ва пешгирии соҳибкории ғайриқонунии Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андоз назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадсаид Давлатзода иттилоъ дод, дар семоҳаи аввали соли 2019 аз тарафи мақомоти андоз дар асоси 196 амрнома фаъолияти 5610 андозсупоранда, аз ҷумла 747 шахси ҳуқуқӣ ва 3702 соҳибкори инфиродӣ таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дода шудаанд. Андозҳои ҳисобшуда бе ҷаримаҳои маъмурӣ 29710,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳанд ва 26383,6 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардидааст. Дар рафти санҷиши амалиётӣ 1064 ҳолати бидуни қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ ошкор ва онҳо бо ҳуҷҷатҳои фаъолияти соҳибкорӣ таъмин шуданд. Инчунин, дар рафти санҷишҳои амалиётӣ 277 андозсупоранда бо мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолдиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) таъмин гардидаанд.

- Дар ин давра Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз 482 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 3178,4 ҳазор сомонӣ, шаҳри Душанбе 670 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 1013,5 ҳазор сомонӣ, вилояти Суғд 1771 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 7003,2 ҳазор сомонӣ, вилояти Хатлон 1448 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 264,9 ҳазор сомонӣ, Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон 150 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 84,1 ҳазор сомонӣ, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 1048 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 739,5 ҳазор сомонӣ, НАК 22 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 6905,1 ҳазор сомонӣ ва НАМ 19 санҷиши амалиётӣ ба маблағи 10521,3 ҳазор сомонӣ гузаронидааст,- гуфт М. Давлатзода.

Номбурда илова намуд, ки дар давраи гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ барои риоя накардани қонунгузории андоз ба маблағи 4522,4 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ шудааст.

Дар рафти гузаронидани санҷишҳои амалиётӣ аз тарафи мақомоти ҳудудии андоз 262 ҳолати бе қайд дар мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқул аз ҷониби шахсони воқеӣ ошкор шудааст. Аз ҷумла, аз ҷониби шуъбаи санҷишҳои амалиётии Дастгоҳи марказии Кумитаи андоз 27 нафар, шаҳри Душанбе 19 нафар, вилояти Суғд 86 нафар, вилояти Хатлон 59 нафар, шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 63 нафар ва ВМКБ 8 нафар шахси бе қайд дар мақомоти андоз ба иҷора додани объектҳои молу мулки ғайриманқул ошкор гардид. Молу мулки ошкорнамудаи ба иҷорадодашуда дар мақомоти андоз ба қайд гирифта шуда, нисбати соҳибмулкон андозҳои иловагӣ ҳисоб ва пардохти маблағ ба буҷет таъмин шудааст.

Ҳамзамон, дар натиҷаи санҷишҳои амалиётӣ дар фаъолияти андозсупорандагон 2058 нафар коргари кироя иловагӣ, ки бе шартномаи меҳнатӣ ба кор ҷалб гардидаанд, ошкор шудааст. Дар натиҷа, коргарони кироя бо шартномаҳои меҳнатӣ таъмин шуда, нисбати андозсупорандагони мазкур барои риоя накардани тартиби нигоҳ доштани андоз дар манбаи пардохт протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шудаанд.

Мавсуф гуфт, ки дар ин давра 28 шахси ҳуқуқӣ, 229 соҳибкори инфиродӣ бо ҳуҷҷати соҳибкорӣ ва 1731 нафар бо патент таъмин гардиданд. Инчунин, дар рафти санҷишҳои амалиётӣ 16 нуқта ба миқдори 12 адад моли беаксиз ва тамғаҳои аксизи қалбакӣ ошкор ва пешгирӣ карда шуд.

Зикр шуд, ки дар ин зимн нозиротҳои андози баъзе шаҳру ноҳияҳо ҳангоми санҷишҳои амалиётӣ коргарони кироя ба кор ҷалбшудаи беқайди мақомоти андозро ошкор ва пешгирӣ накардаанд, ки ҳолати мазкур ба иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ, хусусан андози иҷтимоӣ таъсири манфӣ расонидааст. Масалан, тибқи ҳисоботи ба Кумитаи андоз пешниҳодгардида, нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Нуробод, Сангвор, Шуғнон, Ишкошим, Рушон, Ванҷ, Левакант, Носири Хусрав, Кушониён, Вахш, Ҷалолиддини Балхӣ, Дӯстӣ, Панҷ, Хуросон, Абдураҳмони Ҷомӣ, Данғара, Ҳамадонӣ Ховалинг, Балҷувон, Восеъ, Бобоҷон Ғафуров, Шаҳристон, Ашт, Зафаробод, Истиқлол, Панҷакент, Спитамен, Кӯҳистони Масчоҳ ва Истаравшан дар се моҳи соли 2019 дар рафти санҷишҳои амалиётии андоз умуман коргарони кироя беқайдро ошкор накардаанд.

- Натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ нишон дод, ки дар ҳудуди шаҳру ноҳияҳо захира ва имкониятҳои зиёде мавҷуданд, аз ин рӯ, ба андозбандӣ фаро гирифтани манбаъҳо аз ҳар як корманди мақомоти андоз масъулияти баланд ва иҷрои босифати уҳдадориҳои мансабиро тақозо менамояд, - мегӯяд М. Давлатзода.

Тавре зикр шуд, сарфи назар аз вуҷуд доштани қонунвайронкуниҳои андоз, бархе аз мақомоти ҳудудии андоз дар ҳолатҳои пешбининамудаи қонунгузорӣ санҷишҳои амалиётии андоз намегузаронанд ва ё онро дуруст ба расмият намедароранд. Масалан, дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ аз тарафи нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Рӯшон, Ванҷ, Дӯстӣ, Панҷ, Абдураҳмони Ҷомӣ, Қубодиён, Кӯҳистони Масчоҳ ва Ҳамадонӣ умуман ягон адад санҷиши амалиётӣ гузаронида нашудааст.

Аз ин рӯ, мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки ба самти мазкур аҳамияти ҷиддӣ зоҳир намоянд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Тартиб додани санади муқоисавӣ

**Тибқи муқаррароти моддаи 19 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз уҳдадориҳои андозсупоранда ин бо мақомоти андоз тартиб додани санади муқоисавӣ оид ба ҳолати иҷрои уҳдадориҳои андоз дар назди буҷети давлатӣ ба шумор меравад.**

Бо мақсади муайян намудани дурустии уҳдадориҳои андозӣ барои ҳар як давраи ҳисоботӣ субъекти хоҷагидор вазифадор аст, ки бо мақомоти андози маҳалли қайди худ пайваста санади муқоисавӣ тартиб диҳад.

Дар натиҷаи тартиб додани санадҳои муқоисавӣ аз шумораи умумии 37049 андозсупорандаи шаҳри Душанбе бо 8602 адади он ҳисоббаробаркуниҳо анҷом дода шудааст, ки аз ин ҳисоб қарзи андозсупорандагон ба маблағи 2028,5 ҳазор сомонӣ ва изофапулиҳо ба маблағи 912,3 ҳазор сомонӣ кам шуданд.

Тавре муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид иттилоъ дод, ба ҳолати 1-уми апрели соли 2019 аз 7580 адад шахси ҳуқуқие, ки ба қайд гирифта шудаанд, бо 1820 андозсупоранда санади муқоисавӣ тартиб дода шуд. Дар натиҷаи тартиб додани санади муқоисавӣ аз ҳисоби бақияи қарзи андозҳо 1322,4 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби изофапулиҳо 484,6 ҳазор сомонӣ кам гардид. Аз ҷумла, дар ноҳияи Шоҳмансур бо 20,2 фоиз, ноҳияи Исмоили Сомонӣ 28,1 фоиз, ноҳияи Фирдавсӣ 24,6 фоиз ва ноҳияи Сино бо 22,8 фоизи андозсупорандагон санади муқоисавӣ тартиб дода шуданд.

Инчунин, дар ин давра аз 9992 соҳибкори инфиродие, ки тибқи шаҳодатнома фаъолият мекунанд, бо 2676 андозсупоранда санади муқоисавӣ тартиб дода шудааст, ки дар натиҷа, аз ҳисоби бақияи қарзи андозҳо 380,0 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби изофапулиҳо 319,0 ҳазор сомонӣ кам гардидаанд. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Шоҳмансур бо 30,7 фоиз, Исмоили Сомонӣ 34,0 фоиз, Фирдавсӣ 21,9 фоиз ва Сино бо 26,6 фоизи андозсупорандагон санади муқоисавӣ тартиб дода шудаанд.

Дар ин давра аз 19477 соҳибкори инфиродие, ки тибқи патент фаъолият мекунанд, бо 4106 андозсупоранда санади муқоисавӣ тартиб дода шудаанд. Аз ин ҳисоб бақияи қарзи андозҳо 325,0 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби изофапулӣ 108,0 ҳазор сомонӣ кам карда шудаанд. Санади муқоисавӣ бо соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда дар ноҳияҳои Шоҳмансур 18,3 фоиз, Исмоили Сомонӣ 15,9 фоиз, Фирдавсӣ 19,4 фоиз ва Сино 28,5 фоизро ташкил медиҳад.

Ин рақамҳо дар ҳолест, ки тибқи қарори Мушовараи Кумитаи андоз оид ба ҷамъбасти натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар соли 2018 ва ҷаласаҳои кории сардори Раёсати андоз нозиротҳои андоз вазифадор шудаанд, ки дар давоми семоҳаи аввали соли ҷорӣ бо тамоми андозсупорандагон оид ба натиҷаи фаъолияти соли 2018 санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шаванд.

**Фаррухрӯзи ҶОВИД**

**Чанде пеш дар Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе оид ба ташаккули сармояи оинномавии корхонаҳо бо иштироки муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид, сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони раёсат Илҳом Муродҳусейнов, инчунин роҳбарону сармуҳосибони корхонаҳое, ки сармояи оинномавии худро ташаккул надодаанд, семинар - машварат баргузор гардид.**

# Ташаккули сармояи оинномавӣ

Нахуст, муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид дар баромадаш қайд намуд, ки давлат уҳдадории худро дар назди халқ пурра иҷро намуда истодааст. Яъне аз ҳама муҳим ин амнияти мардуми Тоҷикистон, осудагӣ ва зиндагии шоистаи халқ аст, ки фароҳам шудааст. Дар баробари ин, моро мебояд, ки дар иҷрои уҳдадориҳои худ дар назди давлат ҳисси баланди масъулият дошта бошем. Уҳдадориҳо мо, ин пеш аз ҳама дар назди буҷаи давлат ин дар сари вақт пардохт намудани андозҳо зоҳир мешавад. Тавре мушоҳида мешавад, бисёре аз корхонаҳо эъломияҳои андозиашонро пештар аз пардохти маблағи андозҳои ҳисобшуда пешниҳод менамоянд, ки ин аз як тараф, ба зиёд шудани шумораи андозсупорандагони қарздор ва аз тарафи дигар, ба ҳисоб шудани фоизҳо боис мешавад.

Баъдан, сармутахассиси шуъбаи хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Илҳом Муродҳусейнов дар мавриди иҷрои талаботи қисми 4 моддаи 11 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ" аз 19.05.2009 таҳти рақами № 508 ва ҳолати ташаккулёбии сармояи оинномавии корхонаҳои дар қайди раёсати андозбуда суханронӣ кард.

Ӯ қайд кард, ки тибқи қонунгузорӣ ҳуҷҷати мазкур ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ дар муддати як сол аз рӯзи бақайдгирии давлатӣ таъсисёбии шахси ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад. Дар ҳолати ташаккул надодани ҳадди аққали сармояи оинномавӣ, шахсони ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешаванд. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ доранд барои барҳам додани чунин шахсон ба суд муроҷиат намоянд. Таҳлили маълумоти феҳристи ягонаи давлатӣ ба ҳолати 01.01.2019 нишон дод, ки аз шумораи умумии корхонаҳое, ки дар қайди Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе ҳастанд, 3023 адади он, аз ҷумла дар ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ – 832 адад, Шоҳмансур – 683 адад, Сино 972 адад ва Фирдавсӣ 535 адад субъект то ҳануз сармояи оинномавии худро ташаккул надода, хилофи талаботи қонунгузории андоз амал намуда истодаанд. Дар баробари ин, маълумоти худро ба мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ пешниҳод накардаанд.

Зикр шуд, ки дар натиҷаи гузаронидани семинар – машваратҳо ва корҳои фаҳмондадиҳӣ ба андозсупорандагон ба ҳолати 01.04.2019 дар ноҳияҳои Исмоили Сомонӣ 86 адад, Шоҳмансур 82 адад, Фирдавсӣ 41 адад ва Сино 103 адад корхона сармояи оинномавии худро ташаккул додаанд.

**Дар охир миёни иштирокдорон суолу ҷавоб сурат гирифт. Таъкид шуд, ки дар ҳолати нофаҳмиҳо ва пайдо гардидани саволҳо андозсупорандагон метавонанд бо телефони боварӣ Кумитаи андоз муроҷиат намоянд.**

**Фирдавси АБДУРАҲМОН**




# Вазъи ҷамъоварии маблағи патент

**Патент ҳуҷҷати номӣ буда, аз даромади бадастовардаи соҳибкори инфиродӣ вобаста нест. Яъне новобаста аз он ки соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда даромад мегирад ё намегирад, то он лаҳзае, ки фаъолияташ тибқи қонунгузорӣ қатъ гардонида нашудааст, ҳамчун соҳибкоре эътироф карда мешавад, ки фаъолияти худро давом медиҳад ва дар назди буҷет уҳдадориҳои андоз дорад.**



Дар семоҳаи якуми соли 2019 ҷамъоварии андозҳо аз соҳибкороне, ки тибқи патент фаъолият менамоянд, дар шаҳри Душанбе ба андозаи 81,6 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 16816,2 ҳазор сомонии пешбинишуда, ба буҷет 13725,6 ҳазор сомонӣ ворид гардид, ки нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 1,2 млн. сомонӣ зиёд мебошад.

Тавре муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Маҳмадсаид иттилоъ дод, ба ҳолати 1-уми апрели соли 2019 дар шаҳри Душанбе 21085 андозсупоранда тибқи патент фаъолият мекунанд, ки он нисбат ба ҳамин давраи соли 2018-ум 764 адад зиёд мебошад.

Иҷрои нишондиҳандаи ҷамъоварии маблағи патент дар Нозироти андоз дар ноҳияи Шоҳмансур ба андозаи 78,9 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 2,1 млн. сомонии пешбиншуда ба буҷет 1,6 млн. сомонӣ ворид шудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 154,2 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар Нозироти андоз дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 78,4 фоизро ташкил дода, ба ҷойи 1,3 млн. сомонӣ ба буҷет 1,0 млн. сомонӣ ворид карда шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7,6 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Нозироти андоз дар ноҳияи Фирдавсӣ иҷрои нишондиҳандаи ин намуди андозро ба андозаи 80,7 фоиз таъмин намуда, ба ҷойи 9,4 млн. сомонӣ ба буҷет 7,6 млн. сомонӣ ворид намудааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 423,4 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад. Ин нишондиҳанда дар Нозироти андоз дар ноҳияи Сино ба андозаи 86,2 фоиз таъмин гардида, ба ҷойи 4,1 млн. сомонӣ ба буҷет 3,5 млн. сомонӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 616,5 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад.

Номбурда гуфт, ки бақияи қарзи маблағи патент ба ҳолати 1-уми апрели соли 2019-ум 14,9 млн. сомониро ташкил медиҳад. Бақияи қарз дар Нозироти андоз дар ноҳияҳои Шоҳмансур 2359,3 ҳазор сомонӣ, Исмоили Сомонӣ 326,7 ҳазор сомонӣ, Фирдавсӣ 7939,1 ҳазор сомонӣ ва Сино 4309,4 ҳазор сомониро ташкил медиҳад.

Дар ин давра дар ноҳияи Фирдавсӣ 426 соҳибкори инфиродӣ, ноҳияи Шоҳмансур 207 нафар, ноҳияи Исмоилӣ Сомонӣ 128 нафар ва ноҳияи Сино 348 нафар фаъолияти худро қатъ намудаанд.

Зикр шуд, ки дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18.02.2019, №273 с/х Гурӯҳи корӣ бо мақсади назорати иҷрои талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқи Қоидаҳои андозбандии соҳибкорони инфиродие, ки дар асоси патент ва ё шаҳодатнома фаъолият менамоянд» аз 31.08.2012, №451 дар мавриди гузариши андозсупорандагон аз рӯи шакли ташкилию ҳуқуқӣ (аз патент ба шаҳодатнома, аз шаҳодатнома ба шахси ҳуқуқӣ ва ё гузариши баръакс), инчунин, дарёфти манбаъҳои иловагии андозбандӣ сафарбар гардида буданд.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ ба суроғаи 95 адад соҳибкори инфиродии тибқи патент амалкунандае, ки фаъолияти онҳо ба талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикитсон аз 31.08.2012, №451 ҷавобгӯ нест, ҷиҳати гузаштан ба тариқи шаҳодатномаи соҳибкорӣ огоҳиномаҳо ирсол гардид, ки аз ин 30 нафар аз шакли фаъолияти патент ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ гузаштанд.

О. Маҳмадсаид гуфт, ки дар ин давра аз ҳисоби шахсони ҳуқуқие, ки дар низоми содакардашуда фаъолият мекунанд, бо дарназардошти зиёд гардидани ҳадди даромад (1 млн. сомонӣ) аризаҳои 4 шахси ҳуқуқӣ ҷиҳати гузаштан ба низоми умумии андозбандӣ гирифта шуд.

Дар натиҷаи гузаронидани корҳои таҳлилию назоратӣ бо истифода аз маълумоти дар мақомоти андоз мавҷудбуда, аз ҷумла, ҳисобнома-фактураҳои аз ҷониби супорандагони андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) ба соҳибкорони тибқи патент ва шаҳодатнома навишташуда ва дигар маълумоти дастрасгардида дар фаъолияти 14 адад андозсупоранда ба маблағи умумии 223,0 ҳазор сомонӣ андозҳо иловагӣ ҳисоб гардида, дар ин хусус ба андозсупорандагон огоҳиномаи назорати камералӣ ирсол гардид. Дар рафти фаъолият аз ҷониби 7 андозсупоранда эъломияҳои иловагии андоз пешниҳод ва пардохти 28,0 ҳазор сомонии он ба буҷет таъмин гардид.

Мавсуф зикр намуд, ки бо дарназардошти тағйиру иловаҳои воридгардида ба қарори мазкур масоҳати савдои соҳибкороне, ки аз 10 метри растаи тулонӣ зиёд мебошанд, минбаъд ҳуқуқи истифодаи низоми патентро надоранд.

Вобаста ба ин таъкид шуд, ки соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда бояд уҳдадориҳои худро сари вақт иҷро намуда, дар муҳлати муқарраршуда марҳалаи бақайдгириро таъмин ва варақаи патенти худро ба тартиби нав мутобиқ намоянд. Ҳамзамон, дар сурати ба анҷом расонидани фаъолияти соҳибкорӣ, бо мақсади афзоиш наёфтани маблағи патент уҳдадоранд, ки фаъолияти худро тибқи тартиби муқарраргардида расман қатъ намоянд. Дар сурати қатъ накардан ҳамчун андозсупорандаи амалкунанда эътироф гардида, барои ин давраҳо андоз месупоранд.

**Кормандони мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки назоратро аз болои андозсупорандагон пурзӯр намуда, ҷиҳати дар ҳар як давраи ҳисоботӣ таъмин намудани иҷрои нишондиҳандаи тасдиқшудаи патент, дуруст муайян ва татбиқ намудани намуди фаъолият ва категорияи патент, сари вақт рӯёнидани маблағҳои ҳисобшуда ва бақияи қарз чораҳои қатъӣ андешанд.**

**М. ҶУМЪА**

# Робита бо шаҳрвандон

**Таҷрибаи ҳаррӯзаи маъмурикунонии андоз ва муносибатҳои андозӣ бо андозсупорандагон гувоҳӣ медиҳад, ки анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳию тавзеҳотӣ бо андозсупорандагон, аз ҷумла гузаронидани семинар – машварату вохӯриҳо бояд самти афзалиятноки фаъолияти соҳа боқӣ монда, ба он таваҷҷуҳи бештар зоҳир шавад.**

Тавре сардори Раёсати хизматрасонӣ бо андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Н. Маликзода гуфт, дар семоҳаи якуми соли 2019 тибқи нақшаи чорабиниҳои Кумитаи андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ бо иштироки андозсупорандагон ва ба воситаи шабакаҳои гуногуни телевизионӣ, марказҳои иттилоотӣ, радио ва рӯзномаву маҷаллаҳои даврӣ, дар маҷмӯъ,764 семинар – машварату вохӯриҳо баргузор шуд, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 7 адад зиёд мебошад.

Аз шумораи умуми (764 адад) муроҷиатҳо дар ин давра аз ҷониби мақомоти андоз ба воситаи шабакаҳои гуногуни телевизионӣ, марказҳои иттилоотӣ, сомонаҳои интернетӣ, радио ва рӯзномаю маҷаллаҳои даврӣ, дар маҷмӯъ,180 барнома, хабару эълон ва мақолаҳои фаҳмондадиҳӣ ба тасвиб расонида шудааст, ки нисбат ба соли гузашта 44 адад, ё худ 32,3 фоиз зиёд мебошад. Аз ҷумла, тавассути барномаҳои телевизионӣ 96 адад, радио 45 адад барномаҳо ва ба воситаи маҷаллаҳо 39 адад.

Дар навбати худ, аз шумораи умумии (180 адад) корҳои фаҳмондадиҳӣ тавассути воситаҳои ахбори омма баргузоршуда, ба нозиротҳои андози ноҳияҳои шаҳри Душанбе 12 адад, вилояти Суғд 55 адад, вилояти Хатлон 2 адад ва Кумитаи андоз 111 адад рост меояд.

Илова бар ин, аз тарафи кормандони Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар якҷоягӣ бо Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе оид ба тартиби бақайдгирии соҳибкорони



инфиродӣ, пешниҳоди эъломияҳои андоз, пардохти саривақтии андозҳо аз тарафи соҳибкорони инфиродӣ ва тартиби дурусти истифодабарии МНХ семинар - машваратҳо бо андозсупорандагони ҶДММ “Бозори Фаровон”, ҶДММ “Меҳргон”, ҶДММ “Корвон плюс” ва маркази савдои “Садбарг” гузаронида шуд.

Н. Маликзода қайд кард, ки Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон дар ин давра дар ҳуҷраи махсуси омодашудаи Кумитаи андоз 53 шаҳрвандро қабул намуда, дар якҷоягӣ бо раёсатҳои дахлдори Дастгоҳи марказӣ ба муроҷиатҳои онҳо ҷавобҳои қонеъкунанда доданд.

Масъалаи баланд бардоштани сатҳ ва пайваста беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон яке аз масъалаҳои муҳимтарини фаъолияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

Дар семоҳаи якуми соли 2019 ба Бахши иттилоотӣ (151) 14031 муроҷиати телефонӣ, тавассити почтаи электронӣ, 188 ба рақами телефонии “152”, 1277 муроҷиат, дар маҷмӯъ, 15496 муроҷиат оид ба масъалаҳои хизматрасонӣ ва андозбандӣ ворид гардидааст, ки нисбат ба ҳамин давраи соли гузашта 3378 адад зиёд мебошад.

Аз шумораи умумии муроҷиатҳо 5968 адад ба шахсони воқеӣ, 6235 адад ба шахсони ҳуқуқӣ, 1436 адад дигар муроҷиатҳо, 392 адад ба шахсоне, ки тавассути усули “Чат” муроҷиат намудаанд ва 188 адад ба шахсоне, ки тавассути почтаи электронӣ муроҷиат кардаанд рост меоянд.

Аз шумораи умумии муроҷиатҳои (14031)ба Бахши иттилоотӣ (151) воридшуда ба нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе 7884 адад, вилояти Суғд 1948, вилояти Хатлон 1555 адад, ВМКБ 48 адад, шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 1469 адад ва дигар муроҷиатҳои номуайян 1127 адад рост меояд.

Қобили қайд аст, ки саволҳо ва муроҷиатҳои ба бахш ва гурӯҳҳои иттилоотӣ воридшавандаи шаҳрвандон ва андозсупорандагон пайваста гурӯҳбандӣ шуда, дар ин асос самтҳои афзалиятнок ҷиҳати вусъат бахшидан ба корҳои фаҳмондадиҳӣ ва беҳтар намудани рушди маъмурикунонии андоз муайян ва ба фаъолият дар ин самтҳо тақвият бахшида мешавад.

**М. УСМОНОВА,**
**шуъбаи ВАО-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**Н. ЗОИРЗОДА,**
**“Боҷу хироҷ”**

# Ҳолати ҷамъоварии андозҳо

**Нозироти андози ноҳияи Восеъ аз рӯи ҷамъбасти семоҳаи аввали соли 2019-ум нақшаи ба зиммадоштаашро бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 100,1 фоиз таъмин намуд. Дар ин давра ба буҷети давлатӣ 11659,8 ҳазор сомонӣ ворид гардид, ки нисбати нақшаи пешбинишуда 5 ҳазору 912 сомонӣ зиёд мебошад.**

Тавре мудири бахши баҳисобгирии даромадҳои нозироти андози ноҳия Далер Шарофиддинов қайд кард, дар ин давра нақшаи андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ ба андозаи 100 фоиз таъмин гардида, аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 2341,4 ҳазор сомонӣ ворид шуд.

Бояд қайд кард, ки тибқи махзани маълумотҳои барномаи компютерии системаи иттилоотии андоз дар ҳудуди ноҳияи Восеъ 5591 адад соҳибкор, ташкилоту муассиса ва корхонаҳо фаъолият мекунанд, ки аз инҳо 636 адад шахсони ҳуқуқӣ, 471 нафар соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда, 1466 адад соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда ва 3024 адад хоҷагиҳои деҳқонӣ мебошанд. Шарофиддинов ҳамчунин, зикр кард, ки аз шумораи 1466 нафар соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда дар семоҳаи аввал 55 нафарашон бо сабабҳои гуногун фаъолияти худро қатъ намудаанд. Нозироти андози ноҳия дар натиҷаи гузаронидани корҳои ташвиқотӣ дар ин давра 118 адад патент ба қайди давлатӣ гирифтааст. Танҳо аз ҳисоби соҳибкорони тибқи патент фаъолияткунанда дар се моҳ 649,5 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардидааст.

Бақияпулиҳои қарзи андоз дар ин ноҳияи Восеъ низ яке аз масъалаҳои доғи рӯз ба шумор рафта, кормандони мақомоти андози ноҳияро ба ташвиш овардааст.

Тибқи маълумотҳои дастрасгардида, ба ҳолати 01.01.2019 маблағи қарз дар ин ноҳия 9437,0 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки дар семоҳаи аввали соли 2019-ум 2245,5 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Бояд зикр кард, ки дар ноҳия бақияпулиҳои қарзи андоз асосан аз ҳисоби корхонаҳо ва ташкилоту идораҳо мебошад. Аз ҷумла, ҶСП «Восеъ», КВД идораи обёрии «ИДХОВ», КВД корхонаи обу канализатсияи ноҳияи Восеъ, ҶДММ «Алиҷон ТҶ» ва ҶДММ «Ансор 2017» дар назди буҷет маблағи калони қарзи андоз доранд. Нозироти андози ноҳия бо мақсади кам кардани бақияпулиҳои қарзи андоз дар семоҳаи аввали соли ҷорӣ тибқи талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 380 андозсупорандаи қарздор ба маблағи 19622,9 ҳазор сомонӣ огоҳинома додаанд, ки аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 5362,6 ҳазор сомонӣ маблағ ворид гардида, нисбати 126 нафар андозсупоранда ба маблағи 5937,0 ҳазор сомонӣ қарорҳои маҷбуран ситонидани қарзи андоз қабул шудаанд. Гуфта шуд, ки дар натиҷаи гузаронидани корҳои назоратӣ дар семоҳаи аввал аз ҷониби андозсупорандагон 46 ҳолати ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ошкор гардида, ба маблағи 68,7 ҳазор сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд. Танҳо аз ин ҳисоб маблағи 27,5 ҳазор сомонӣ ба буҷет пардохт гардид.

Дар ин давра нозироти андози ноҳия дар фаъолияти 19 андозсупоранда назорати камералӣ гузаронид, ки дар натиҷа маблағи 184 ҳазору 899 сомонӣ андозҳои ҳисобнашуда ошкор гардид. Ҳамчунин фаъолияти 49 андозсупоранда таҳти санҷиши амалиётӣ қарор дода шуд, ки дар натиҷа нисбати 7 андозсупоранда ба маблағи 13 ҳазору 750 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ тартиб дода шуд.

**Исломи РАҶАБАЛӢ,**
**шаҳри Кӯлоб**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Штраф за нелегальную аренду квартиры

**Граждане Молдовы все чаще стараются избегать проблем с налоговой инспекцией. По крайней мере, об этом говорят данные, поступающие от фискальных органов.**

За три месяца этого года число официально зарегистрированных контрактов по сдаче жилья в аренду со стороны физических лиц превысило три тысячи.

Впрочем, не всегда легализация дополнительных доходов происходит по доброй воле.

Некоторых граждан, сдающих в наем недвижимость, налоговики выявляют самостоятельно. Так, с января по март инспекторы обнаружили более полутора тысяч арендодателей, которые сдают квартиры и не платят налоги.

Как поясняют в Главной государственной налоговой инспекции Молдовы, с этой целью инспекторы наносят контрольные визиты.

Таким образом, дополнительно в государственный бюджет были взысканы 126 тысяч леев в качестве основных выплат, 5500 леев в виде пени и 27 тысяч штрафа.

Как напоминают в профильном ведомстве, граждане, сдающие в аренду жилье, должны оплатить в казну налог в размере 7%. Для того, чтобы легализовать этот вид



дохода, необходимо заключить контракт с нанимателями и зарегистрировать его в налоговых органах.

**https://news.mail.ru/economics/37047213/**

# Таъмини босифати андози ягона

**Пурра ба қайди давлатӣ гирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ ва ба андозбандӣ ҷалб намудани онҳо бо дарназардошти сершумор будани хоҷагиҳо ва таъсис ёфтани хоҷагиҳои нав дар заминаи барҳамхӯрии хоҷагиҳои калон яке аз масъалаҳои муҳим дар фаъолияти мақомоти андоз ба шумор меравад.**



Дар асоси маълумоти аз Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бадастомада, дар семоҳаи аввали соли 2019 нақшаи қисми даромади буҷети давлатӣ аз ҳисоби андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 29,5 млн. сомонӣ тасдиқ гардида, иҷрои он ба андозаи 122,9 фоиз таъмин шуд, ки аз ин ҳисоб нисбат ба нақшаи пешбинишуда 6,7 млн. сомонӣ маблағ зиёд ба буҷет ворид гардид.

Новобаста аз он ки иҷрои нақшаи андози ягона, дар маҷмӯъ, таъмин гардидааст, аммо аз ҷониби шаҳру ноҳияҳои Шуғнон ҳамагӣ 14,5%, Бохтар -57,3%, Абдураҳмони Ҷомӣ -95,2%, Муъминобод-73,5%, Фархор- 88,6%, Деваштич -69,4%. Зафаробод -98,1%, Спитамен -87,5%, Шаҳристон -84,6%, Турсунзода -96,4%, Варзоб– 98,8%, Нуробод -83,5% ва Сангвор -76,8% таъмин шудааст, ки ин хеле нигаронкунанда аст.

Чуноне аз таҳлилҳои Кумитаи андоз бармеояд, дар варақаҳои ҳисоббаробаркунии хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ ва бо таъсиси шахси ҳуқуқӣ аз ҳисоби пардохти маблағ дар соли 2019 мавҷуд мебошанд, дар баъзе мавридҳо дуруст набуда, аксари изофапулиҳои мазкур аз ҳисоби сари вақт дар ҳисоббарақаҳои андозсупорандагон нагузаронидани маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо ва сари вақт ба барномаҳои компютерӣ ворид накардани эъломияҳои андози ягона ба вуҷуд омадаанд.

Муайян гардид, ки (ба ҳолати 01.04.2019) аз ҳисоби дар 11753 ҳолат барои соли 2019 нагузаронидани маблағҳои ҳисобшудаи андози ягона барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ дар варақаҳои ҳисоббаробаркунии андозсупорандагон дар миқёси ҷумҳурӣ ба маблағи 4,2 млн. сомонӣ изофапулиҳои беасос ба миён омадааст. Таҳлили камбудии мавҷуда бо дарназардошти минтақаҳо нишон медиҳад, ки аз 11753 ҳолат ба вилояти Суғд 2171 ҳолат (1002,6 ҳазор сомонӣ), ба вилояти Хатлон 5318 ҳолат (2217,8 ҳазор сомонӣ) ва ба шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 4264 ҳолат (1027,4 ҳазор сомонӣ) рост меояд.

Мутобиқи маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳолати 1 январи соли 2019 дар миқёси ҷумҳурӣ шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣе, ки соҳиби сертификати ҳуқуқи истифодаи замин гаштаанд, дар маҷмӯъ, 182765 ададро ташкил медиҳанд. Аз шумораи мазкур аз рӯи махзани маълумоти мақомоти андоз то санаи 1 апрели соли 2019-ум 156735 адади он бақайдгирии давлатиро гузаштаанд, ки 459 адади он ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 62065 адад ба вилояти Хатлон, 62332 адад ба вилояти Суғд ва 31879 адад ба шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ рост меояд.

Муқоисаи маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ бо маълумоти мақомоти андоз оид ба шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар санаи зикршуда нишон медиҳад, ки дар маҷмӯъ, 26021 адад хоҷагии деҳқонӣ дар қайди мақомоти андоз нестанд. Аз ҷумла, дар ВМКБ – 15665 адад, вилоятҳои Хатлон - 4698 адад, Суғд - 5239 адад ва шаҳру ноҳияҳои тобеи марказ 55 адад рост меояд.

Солҳои охир аз ҳисоби тақдиди хоҷагиҳои калонҳаҷм ташкил шудани хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ босуръат идома дорад ва боиси зиёд шудани шумораи чунин гурӯҳи андозсупорандагон гашта, бақайдгирии саривақтии онҳоро мушкил гардонида истодааст. Таҳлилу омӯзишҳо ва корҳои назоратӣ нишон медиҳанд, ки дар аксар ҳолатҳо тақдиди хоҷагиҳои деҳқонии калонҳаҷм бо мусоидат ва дар доираи барномаҳои ғайридавлатӣ (марказҳои кадастрӣ) дар якҷоягӣ бо мақомоти идораи замин сурат гирифта, дар як қатор ҳолатҳо аъзои хоҷагиҳои деҳқонӣ аз мақоми худ ва уҳдадориҳои андозии ба зимаашон гузошташуда пурра огоҳ намешаванд.

Маълумоти гурӯҳҳои кории ташкилнамудаи мақомоти андоз инчунин нишон медиҳанд, ки яке аз сабабҳои дигари мавҷуд будани тафовут оид ба шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ байни маълумоти мақомоти андоз ва идораи замин ин ба таври фаврӣ ворид накардани маълумот ба тавозуни замин ё сари вақт аз он хориҷ накардани хоҷагиҳои барҳамхӯрда мебошад.

Масалан, дар асоси қарори раиси шаҳри Конибодом аз 25.09.2014, қитъаҳои замини 55 адад хоҷагии деҳқонӣ ба фонди махсуси шаҳр гирифта шудааст, аммо номгӯи субъектҳои мазкур то ҳол дар тавозуни замини шаҳри Конибодом инъикос гардида истодааст. Мисоли дигар. Бо қарори раиси шаҳри Конибодом аз 19.09.2016 ҳуқуқи истифодаи замини хоҷагиҳои деҳқонии “Карима И”, “Соҳиба И”, “Тоҳир И”, “Шуҳрат И” ва “Истиқлол” қатъ гардонида шуда, дар заминаи онҳо танҳо як хоҷагии деҳқонии “Фарҳодобод” таъсис дода шудааст. Аммо хоҷагиҳои зикршуда то ҳол дар тавозуни замини шаҳр мавҷуд буда, сабаби зиёд гардидани шумораи хоҷагиҳои беқайд гардида истодааст.

Ба иттилои манбаъ, ҳолати дигаре, ки боиси пайдо гардидани тафовути шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ миёни маълумоти мақомоти андоз ва идораи замин гардида истодааст - ин аз ҷониби идораҳои замини шаҳру ноҳияҳо дар тавозуни замин такроран сабт намудани қитъаҳои замини иловагӣ ба хоҷагиҳои ҷудошуда мебошад.

Масалан, ба шаҳрванд Шуҳрат Мирзоев, тибқи қарори раиси шаҳри Конибодом аз 15.08.2007, №275 барои ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ ба миқдори умумии 2,52 га замин ҷудо шудааст. Вобаста ба ин, Ш. Мирзоев санаи 29.12.2008 ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Санаи 19.05.2008, №168 ба шаҳрванди мазкур ба таври илова ба миқдори 3,12 га замин ҷудо шудааст, аммо ба номи шаҳрванди зикршуда дар тавозуни идораи замини шаҳри Конибодом 2 адад хоҷагии деҳқонӣ сабт гардидааст.

Ҳамзамон, доир ба тафовути нишондиҳандаҳои мақомоти андоз бо мақомоти идораи замин бояд қайд кард, ки тибқи омӯзишу таҳлилҳо ва хулосаҳои гурӯҳҳои корӣ дар аксар мавридҳо дар мақомоти андоз сари вақт ба қайд нагирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз омилҳое вобаста аст, ки дар доираи қонунгузории амалкунанда ба қайди давлатӣ гирифтани онҳоро ғайриимкон мегардонад. Аз ҷумла:

- *бе хабардошти шаҳрвандон аз ҷониби Маркази кадастрӣ тақсим шудан ва ба номи онҳо пешниҳод шудани сертификатҳои ҳуқуқи истифодаи замин;*
- *даст кашидани шаҳрвандон аз истифодаи қитъаи замини вобасташуда, аммо дар маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ҳамчун амалкунанда дарҷ шудани онҳо;*
- *мутобиқат накардани ному насаби дар сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дарҷгардида бо ному насаб дар шиноснома;*
- *дар муҳоҷирати меҳнатӣ будани роҳбар ва саҳмдорони хоҷагӣ;*
- *номуайян будани қитъаи замини ҷудошуда;*
- *ба номи як шаҳрванд ташкил намудани якчанд хоҷагии деҳқонӣ*
- *вафот кардани роҳбар ё саҳмдорони хоҷагӣ, аммо ба расмият надаровардани ҳолати бамиёномада.*

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

## НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ

# Рыночная стоимость Microsoft впервые превысила $1 трлн

## До этого преодолеть эту отметку смогла только компания Apple

**Рыночная капитализация Microsoft Corporation в первый раз превысила один триллион долларов, передает Интерфакс.**

Стоимость акций корпорации Microsoft, которая является крупнейшим в мире производителем программного обеспечения, выросла в четверг. Чтобы рыночная капитализация компании была выше триллиона, ее акции должны были стать дороже 130,5 доллара. В начале торгов котировки Microsoft были равны 131,37 доллара.

До этого только одной американской компании удалось перешагнуть порог в триллион долларов. Apple Inc. Amazon смогла сделать это всего на пару минут в прошлом сентябре.

Отмечается, что акции Microsoft выросли в цене из-за сильной квартальной отчетности компании. Чистая квартальная прибыль достигла 8,8 миллиарда долларов, увеличившись на 19 процентов. Выручка компании за квартал стала больше на 14 процентов и составила 30,6 миллиардов долларов.

Ранее сообщалось, что Франция хочет обложить налогом Microsoft, Apple, Google и Facebook.




http://www.aif.ru



**Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод бе дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар семоҳаи соли 2019 ба буҷети давлатӣ 4 млн. 251852 сомонӣ ворид намудааст, ки аз нақшаи пешбинишуда 321852 сомонӣ зиёд мебошад. Яъне нақшаи семоҳа (бе дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) 108% иҷро гардидааст.**

# Фаъолияти назаррас

- Агар дар қиёс ба ҳамин давраи соли гузашта гирем, - мегӯяд сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод Лутфулло Ализода, - пардохти андозҳо ба маблағи 450263 сомонӣ бе дарназардошти андози иҷтимоӣ ба буҷет зиёд ворид шудааст.

Нақшаи андозҳо бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ 5 млн. 40000 сомониро ташкил медиҳад ва дар ин давра ба буҷет 5 млн. 478093 сомонӣ ворид гардидааст, ки 109 % - и нақшаро ташкил дода, нисбат ба нақшаи пешбинишуда 438093 сомонӣ зиёд аст.

Нақшаи андозҳо бо дарназардошти андози иҷтимоӣ дар семоҳаи аввали соли 2019-ум ба маблағи 7 млн. 465691 сомонӣ иҷро гардидааст, ки нисбат ба нақшаи пешбинишуда 624691 сомонӣ зиёд мебошад.

Тавре маълум гардид, дар нозироти андози ноҳия танҳо нақшаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард иҷро нашудааст. Лутфулло Ализода оид ба ин масъала зикр намуд, ки сабаби асосии иҷро нагардидани нақшаи андоз аз истифодабарандагони роҳҳои автомобилгард ин дар семоҳаи якуми соли ҷорӣ зиёд пардохт намудани ин намуди андоз дар семоҳаи якуми соли 2018 нисбати семоҳаи якуми соли 2019 аз тарафи ҶДММ «Бинокор» ва ҶДММ «Ориён Сохтмон» мебошад.

**САФИ СОҲИБКОРОН МЕАФЗОЯД**

Тибқи маълумоти бахши бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ ба ҳолати 1 апрели соли равон дар Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод 4673 адад андозсупоранда ба қайд гирифта шудааст. Аз ин шумора 382 адад шахси ҳуқуқӣ, 439 нафар тибқи патент фаъолияткунанда мебошад. Шумораи соҳибкорони тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда 305 нафарро ташкил медиҳанд. Хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ 3547 адад мебошад. Дар ин давра 62 нафар андозсупоранда ба қайд гирифта шудааст. Аз ин шумора 9 адад соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома ва 26 нафар соҳибкори тибқи патент фаъолияткунанда, инчунин, 27 хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқиро дарбар мегиранд.

**БАҚИЯИ ҚАРЗИ АНДОЗ**

Бақияи қарзи андозҳо то ҳол ҳамчун масъалаи ташвишовар боқӣ мондааст. Қарздорон, аслан, набудани маблағҳои нақдро баҳона пеш оварда, пардохт намудани андозҳоро ба таъхир мегузоранд, ки дар натиҷа, бақияи қарзи андозҳо рӯ ба афзоиш меорад.

Ба ҳолати 1 апрели соли равон бақияи қарзи андозҳо дар ноҳияи Файзобод аз ҳисоби 332 андозсупоранда маблағи 1074986 сомониро ташкил медиҳад. Нисбат ба 1 январи соли 2019 шумораи қарздорон 91 адад кам ва маблағи қарзи андозҳо 109586 сомонӣ зиёд гардидааст.

Дар самти ситонидани қарзи андозҳо оид ба бақияи қарзи андозҳо тибқи талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 335 андозсупоранда ба маблағи 832400 сомонӣ огоҳинома супорида шудааст. Аз маблағи зикршуда 677600 сомонӣ ба буҷет ворид гардид.

Оид ба маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо нисбати 5 андозсупоранда аз тарафи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 5 қарор ба маблағи 1 млн. 1159400 сомонӣ қабул гардид ва то 1 апрели соли ҷорӣ аз ин маблағ ҳамагӣ 214900 вориди буҷет шуд. Дар ин давра ҳамчунин, тибқи талаботи Кодекси ҳуқуқвайронкунии маъмурии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи кормандони Нозироти андоз дар ноҳияи Файзобод нисбати 59 андозсупоранда барои риоя накардани қонунгузории андоз протоколҳои маъмурӣ тартиб дода шуд. Аз ин маблағ ба буҷет 20098 сомонӣ ворид гардид. Бояд зикр намуд, ки шумораи протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурии тартибдодашуда нисбат ба соли гузашта 36 адад зиёд аст.

**Тоҷиниссои ЗАЙНИДДИН**

# Вазифагузорӣ

## дар самти пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ

**Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд низоми махсуси андоз мебошад, ки мутобиқи он субъектҳои соҳибкории хурд андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ ё андоз аз даромад барои соҳибкорони инфиродиро бо тартиби содакардашуда пардохт менамоянд.**



Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон рафти иҷрои талаботи Фармоиши Кумитаи андоз аз 22.08.2018, №335 "Доир ба татбиқ намудани ҷаримаҳои маъмурӣ барои надоштани ҳуҷҷатҳои аввалияи муҳосибӣ нисбати субъектҳои дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолияткунанда"-ро дар мақомоти ҳудудии андоз ба ҳолати 1 апрели соли 2019 мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор дод.

Тавре дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои корӣ ва таҳлилҳои гузаронидашуда дар ин самт маълумот доданд, новобаста аз ҷаласаҳои алоҳидаи корӣ, ирсоли барқияҳои телефонӣ ва таъкидҳои пайваста, ҳоло ҳам ҳолатҳои зиёди аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор бе барасмиятдарории моли ба фурӯш баровардашуда ва бе пешбурди баҳисобгирии моҳсибӣ таҳвил додани молу маҳсулот дар фаъолияти соҳибкорони дар низоми содакардашуда фаъолияткунанда ба назар мерасад.

Вобаста ба ин, барои пешгирии қонуншиканиҳо, тибқи мактуб аз 26.02.2019, №2897/13.3 нақшаи татбиқи ҷаримаҳои маъмурӣ дар ин самт тасдиқгардида, барои иҷро ба мақомоти ҳудудии андоз ирсол гардида буд. Тибқи нақшаи тасдиқшуда, мақомоти ҳудудии андоз бояд дар семоҳаи якуми соли 2019 дар фаъолияти субъектҳои соҳибкории хурди дар низоми содакардашуда амалкунандае, ки баҳисобгирии муҳосибиро дар фаъолияти худ таъмин накардаанд, мутобиқ ба талаботи қисми 2 моддаи 599 ҷаримаи маъмурӣ, на кам аз 1460 адад протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ татбиқ менамуданд.

Барррасии рафти иҷрои нақшаи пешбинишуда дар семоҳаи якуми соли 2019 нишон дод, ки аз ҷониби мақомоти ҳудудии андоз ба сифати ҷазо, дар маҷмӯъ, нисбати 355 адад андозсупоранда ба маблағи 1607,4 ҳазор сомонӣ ҷаримаҳои маъмурӣ татбиқ шудааст, ки ба 21,6 фоизи нақшаи пешбинигардида баробар мебошад.

Масъалаи дигари ташвишовар ин пурра нарӯёнидани маблағи ҷаримаҳои маъмурии таъингардида дар фаъолияти субъектҳои хоҷагидор ба ҳисоб меравад. Яъне, дар ин давра аз ҷониби на ҳамаи мақомоти ҳудудии андоз маблағи ҷаримаҳои маъмурии таъингардида пурра ба ҳисоби буҷет рӯёнида шудаанд. Тибқи ҳисоботи пешниҳодшуда аз маблағи умумии ҷаримаҳои таъингардида (1607,4 ҳазор сомонӣ) воридоти 935,7 ҳазор сомонӣ ё худ 58,2 фоизи он ба буҷет таъмин шуда, бақияи маблағи ҷаримаҳо ба 671,6 ҳазор сомонӣ баробар мебошад.

Вобаста ба вазъи баамаломада, Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ирсоли барқия раёсатҳои андоз дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, вилояти Суғду Хатлон, шаҳри Душанбе ва нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои тобеи марказро вазифадор мекунад, ки нишондиҳандаҳои дар мактуб дарҷгардидаро бо иштироки ҳамаи кормандони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, шуъба ва гурӯҳҳои санҷиши андозҳо мавриди баррасӣ қарор дода, барои таъмини иҷрои талаботи Фармоиши Кумитаи андоз аз 22.08.2018, №335 ва мактуби назоратӣ аз 26 марти соли 2019, №2897/13.3 ва нақшаи пешбинишуда дар ин самт чораҳои иловагӣ андешанд.

Ғайр аз ин, барои таъмини иҷрои талаботи қонунгузории андоз дар мавриди пешбурди баҳисобгирии муҳосибӣ, аҳамият ва зарурат доштани ҳуҷҷати харидии моли ба фурӯш баровардашуда миёни андозсупорандагон корҳои фаҳмондадиҳиро ҷоннок карда, нусхаи эълони ба мактуб замимашавандаро дар лавҳаҳои эълони нозиротҳои андоз, марказҳои калони савдо, бозорҳо ва нуқтаҳои яклухтфурӯшӣ дастраси андозсупорандагон намуда, аз натиҷаи корҳои анҷомёфта тибқи тартиби муқарраршуда ба Кумитаи андоз маълумот пешниҳод намоянд.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

**НАЛОГИ ЗА РУБЕЖОМ**

# Около 3 млн россиян не смогут выехать за границу на майские каникулы из-за долгов

## Отмечается, что число должников растет уже четвертый год

**Федеральная служба судебных приставов сообщила, что около трех миллионов россиян не смогут выехать за границу на майские праздники из-за неуплаты долгов, пишет Известия.**



Сообщается, что всего в I квартале 2019 года граница была закрыта для 4,4 млн человек, при этом, число должников растет уже четвертый год. Согласно информации издания, 40% всех невыездных должников являются клиентами банков, 20% граждан превысили лимит долга по алиментам, а 10% не заплатили налоги или штрафы ГИБДД.

Отмечается, что к апрелю неплательщики погасили долги на общую сумму в 19 млрд рублей.

Напомним, что выезд может быть ограничен тем гражданам, долги которых превысили 10 тысяч рублей.

# Талафоти вазнини «Ансоруллоҳ»-и наҳзатӣ

Расонаҳои Афғонистон хабар додаанд, ки зимни як амалиёти муваффақонаи мақомотҳои низомии ин кишвар дар қарияи (деҳаи) пули Сучи дараи Хустаки вулусволии (ноҳияи) Ҷурми вилояти Бадахшон 3 нафар ҷангиёни ашаддии созмони террористии «Ҷамоати Ансоруллоҳ» (қаноти ҷангии ҲНИ) кушта ва 4 нафари дигар захмӣ шуданд. Ҷангиёни кушташуда бо тахаллуси Абуталҳа (30 сола, миллаташ тоҷик, зодаи н.Нуробод), одуллоҳ (41 сола, миллаташ тоҷик, зодаи ш.Исфара), Усмон ва ё Мавлавӣ Ҳамза (Ядгаров Ҳикматулло Ғайбуллоевич, соли таваллудаш 1986, сокини ш.Истаравшан) мебошанд, ки солҳои зиёд дар пойгоҳҳои террористӣ машқу тамрини низомӣ дида, барои ҳамла ва интиқоли ҷангу хунрезӣ ба хоки Тоҷикистони азиз мунтазири амри саркардагони хоину беватани хеш аз Аврупо буданд, аммо:

*Ҳар кӣ бо душмании халқ*
*равон аст чу баҳр,*
*Зуд бошад, сари хеш чу*
*гирдоб хӯрад...*

Ҷасади бесоҳибу хору зори ин ҳамватанони "муҷоҳид"-и моро дар мазори ғарибони деҳаи Хули дараи Хустаки вулусволии Ҷурм мардуми маҳаллӣ гуронданд.

Захмишудагон Абуаҳмад (35 сола, зода ва сокини шаҳри Душанбе, оиладор), Қаҳҳор (40 сола) Абуҳурайра ва Қорӣ Фатҳуллоҳ (соли таваллудаш 2000 писари Насриддинов Рустамхӯҷа Насиллохоҷаевич, роҳбари ҷангиёни тоҷики дараи мазкур), бо "куфу суф" ва "тумору таштоф "-и Толибон дар хонаи доктор Фирӯз табобат мегиранд.

Қобили зикр аст, ки дараи Хустак чанд сол аст, ба макони будубоши аъзоёни "Ҷамоати Ансоруллоҳ" табдил ёфтааст. Ба қавли сокинони маҳал аксари ин "меҳмонони нохонда", махсусан занону фарзандони онҳо ҳоли табоҳ дошта, орзуи бозгашт ба Ватанро доранд, вале саркардагони асолатбохта ва хуношоми онҳо ба таҳдиди марг ва фишору зӯрӣ иҷозат намедиҳанд, ки ба назди хешу ақрабо ва оғуши зодгоҳи азизи хеш баргарданд.

*Амири беватан зору*
*ҳақир аст,*
*Гадо гар дар Ватан мирад,*
*амир аст!*

"Ҷамоати Ансоруллоҳ" соли 2006 аз ҷониби се нафар бунёдгузорони Ҳизби наҳзати исломӣ: Раҳимов Абдулло ("мулло Абдулло", соли 2011 дар Рашт кушта шуд) Табаров Амриддин (соли 2015 дар натиҷаи ҳамлаи ҳавопаймои бесарнишин дар вилояти Кунари Афғонистон ҳалок гардид) ва Аҳроров Қамариддин (дастгир ва ба муҳлати 20 сол аз озодӣ маҳрум ва айни замон адои ҷазо мекунад) таъсис дода шудааст. Ин созмон қанот ё бахши низомии Ҳизби мамнуи наҳзат буда, аз ҷониби он, инчунин аз тарафи созмонҳои байналмилалии террористии "Ал-қоида", Ҳаракати исломии Узбекистон, шабакаи Ҳаққонӣ маблағгузорӣ мегардад.



**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ Кооперативи Тиҷоратии «Ҳаким-2014» (РМА 190003144) воқеъ дар ноҳияи Восеъ, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Шарқ ЛТД» (РЯМ 2910002059) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Нурзеб» (РЯМ 0110017298) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Сервис ТҶ» (РМА 020042940) воқеъ дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ, барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Мирапов Ш» (РЯМ 1810004506) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «ТАҶ ФЛАЙ» (РЯМ 6210007907) воқеъ дар шаҳри Истаравшан, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Пирамида-М» (РЯМ 7010003734) воқеъ дар шаҳри Хоруғ, барҳам мехӯрад.

■ Намояндагии рафоқати дорои масъулияти маҳдуд «Грундфос Казахстан» дар ҶТ (РЯМ 0120000834) воқеъ дар ноҳияи Шоҳмансур, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Роҳи ҷаҳон» (РЯМ 1810005735) воқеъ дар шаҳри Бохтар, барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Ҳасанҷон-2017» (РЯМ 2910006028) воқеъ дар ноҳияи Вахш, барҳам мехӯрад.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Акобиров Меҳровар (РЯМ 0430267164) аз ноҳияи Сино, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Тошев Маъруф (РЯМ 0530113128) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ибрагимов Наҷмиддин (РЯМ 0530123972) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нусратова Ҷамила (РЯМ 0530153104) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ибрагимов Аслиддин (РЯМ 0530151096) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Муҳиддинов Аълам (РЯМ 5530058188) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ғиёсиддинов Мӯйдин (РЯМ 5530075320) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ашӯров Абдуқодир (РЯМ 5530031394) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Собитов Нурилло (РЯМ 5530215570) аз шаҳри Исфара, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии ба сифати супорандаи ААИ силсиали U02 № 63005355, мутааллиқ ба ҶДММ «Юсуфзода» аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Шерали Алишеров» (РЯМ 0730102918) аз шаҳри Турсунзода, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д «Убайдулло» (РЯМ 1930070386) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Раҳмонали Сайвалӣ (РЯМ 1930048753) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Гулмадова Фарзона (РЯМ 1930074319) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қурбонов Тоирҷон (РЯМ 1930003616) аз ноҳияи Восеъ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Алишерова Сайёра Когоновна (РЯМ 2930082403) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Тухтаназаров Расул Абдукодирович (РЯМ 1430039839) аз ноҳияи Файзобод, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Қосимов Маруф (РЯМ 03312622525) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдуллоева Шаҳноза (РЯМ 0330159161) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Каримов Хуршед Ғаффорович (РЯМ 0331288724) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Валиева Фарзона (РЯМ 0331309752) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Юнусов Файз (РЯМ 0330100036) аз ноҳияи Фирдавсӣ, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Одинаев Одина (РЯМ 2930047524) аз ноҳияи Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҷабова Зулфия (РЯМ 2830128868) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Меликов Ҷунайдулло Аҳмадхонович (РЯМ 0530110011) аз шаҳри Ваҳдат, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ «Нусратулло Р» (РЯМ 1810006037) воқеъ дар шаҳри Кӯлоб, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Бердиев Шуҳратҷон (РЯМ 6230043729) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Каримов Ҷамшед (РЯМ 6230042170) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Ҳамдамов Ҳасан (РЯМ 6230163702) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Исроилов Фарҳод (РЯМ 6230008235) аз шаҳри Истаравшан, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ «Арҷманд» (РЯМ 1010001768) аз ноҳияи Лахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба ҶДММ «Иброҳимҷон-2013» (РЯМ 2810003570) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Исломов Абдулфатоҳ (РЯМ 2930050356) аз ноҳия Вахш, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Давлатов Азизулло (РЯМ 2830083264) аз шаҳри Бохтар, бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки аз ҷониби мақомоти андоз модули нави хизматрасонӣ барои пешниҳоди ҳуҷҷатҳо бо тартиби электронӣ таҳия шуда, дар сомонаи расмии Кумитаи андоз бо суроғаи электронии (http://andoz.tj) ҷойгир шудааст.

Тибқи модули нав андозсупорандагон имконият доранд, ки ҳуҷҷатҳои заруриро барои бақайдгирии давлатии таъсисёбии шахсони ҳуқуқӣ, соҳибкорони инфиродӣ ва филиалу намояндагиҳои шахсони ҳуқуқии хориҷию дохилӣ бемонеа, бо тартиби электронӣ, ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти худ пешниҳод намоянд.

Ариза ва ҳуҷҷатҳои пешниҳодшуда аз ҷониби андозсупорандагон дар шакли электронӣ, ҳамарӯза аз ҷониби бахши бақайдгирии давлатии маҳалли фаъолияти онҳо, маҳалли ҷойгиршавии шахси ҳуқуқӣ баррасӣ ва дар мавриди пурра ва дуруст пешниҳод гардидани ҳуҷҷатҳо субъекти соҳибкорӣ ба қайди давлатӣ гирифта мешавад.

Аз андозсупорандагон ва шаҳрвандон хоҳиш мекунем, ки тартиби электронии пешниҳоди ҳуҷҷатҳоро барои бақайдгирии давлатӣ истифода намоянд, зеро он бевосита барои сарфаи вақт ва маблағҳои онҳо таҳия ва ҷорӣ шудааст.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи талаботи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муасиссони шахсони ҳуқуқӣ вазифадоранд, ки аз лаҳзаи таъсис додани шахси ҳуқуқӣ, дар давоми як соли минбаъда, ҳиссаи худро дар сармояи оинномавии он ташаккул дода, дар ин хусус маълумоти заруриро ба Феҳристи ягонаи давлатӣ ворид намоянд. Дар ҳолати ташаккул надодани ҳадди ақали ҳаҷми сармояи оинномавӣ, шахси ҳуқуқӣ тибқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон барҳам дода мешавад. Мақомоти анҷомдиҳандаи бақайдгирии давлатӣ ҳуқуқ дорад, барои барҳам додани чунин шахс ба суд муроҷиат намояд.

Ташаккул додани сармояи оинномавӣ, пеш аз ҳама, ба манфиати худи шахси ҳуқуқӣ буда, ҳамзамон ҳуқуқи соҳибмулкии муассисро ба шахси ҳуқуқӣ тасдиқ менамояд.

Бинобар ин, аз муассисони шахсони ҳуқуқӣ хоҳиш карда мешавад, ки сармояи оинномавии шахсони ҳуқуқиро ташаккул дода, маълумоти заруриро дар ин хусус ба шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии маҳалли қайди шахси ҳуқуқӣ пешниҳод намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ЭЪЛОН

**Шаҳрвандон ва андозсупорандагони муҳтарам!**

Ба маълумоти шумо мерасонем, ки мутобиқи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 июли соли 2015, таҳти № 332 ”Дар бораи шакл ва тартиби истифобарии Дафтари бақайдгирии санҷишҳо” Дафтари бақайдгирии санҷишҳо аз ҷониби мақомоти андоз, яъне нозиротҳои андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ дар шаҳру ноҳияҳо, ба андозсупорандагон ройгон дастрас мешавад.

Дастрас ва дар фаъолияти худ пеш бурдани Дафтари бақайдгирии санҷишҳо ба манфиати андозсупорандагон буда, барои пешгирӣ намудани ҳама гуна санҷишҳои беасос дар фаъолияти онҳо мусоидат менамояд.

Бинобар ин, аз шахсони ҳуқуқӣ новобаста аз шакли моликият ва соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда хоҳиш менамоем, ки аз мақомоти андози маҳалли қайди худ Дафтари бақайдгирии санҷишҳоро ройгон дастрас карда, дар фаъолияти худ истифода намоянд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ ДАР ДАВРАИ СОТСИАЛИЗМИ МУТАРАҚҚӢ ВА СОТСИАЛИЗМИ ПАСИН

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Ҳаҷми андоз аз даромад аз дараҷаи воҳидҳои нархҳои нақшавӣ, арзиши аслии нақшавӣ, маблағҳои фоидаи нақшавӣ, ки дар корхона гузошта шудаанд, вобаста аст. Дар ибтидо андоз аз гардишро ба буҷети корхона, ки маҳсулоти истеъмолӣ ва инчунин воситаҳои истеҳсолотро мефурӯхт, ворид мекарданд. Дар солҳои баъдина воридот аз андози гардиш аз соҳаҳои истеҳсолкунандаи воситаҳои истеҳсолот ба сабаби амал кардани системаи нархгузорӣ дар ИҶШС кам шуданд.

Вобаста ба хусусиятҳои истеҳсол ва фурӯши молҳо андоз аз гардиш ба се тарз ҳисоб мешуд.

Тарзи якум - фарқи байни нархҳои чакана бо соқит кардани касри фурӯш ва ё нархҳои яклухти саноат (яъне бо андоз аз гардиш ва нархҳои яклухти муайяннамудаи корхона (яъне бе андоз аз гардиш) буд. Ин тарз (тартиб) нисбат ба молҳои зиёди дар соҳаҳои саноати сабук, хӯрокворӣ, маводи сохтмон ба кор бурда мешуд.

Тарзи дуюм – бо ёрии ҳисобу китоби андоз аз гардиш дар маблағҳои собит (рубл ва тин -- копейка) аз воҳиди маҳсулоти фурӯхташуда. Ин тарз ҳангоми муайян кардани андоз аз гардиш нисбати маҳсулоти нон, хӯроки чорво, тамоку, маҳсулоти нафт, гази табиӣ, гӯгирд ба кор мерафт.

Тарзи сеюм – бо ёрии ҳисобу китоб аз рӯи фоизи гардиш (нисбат ба нархҳои чакана бо касри фурӯш ё аз маблағи ба нархи яклухти саноат фурӯхта шудани маҳсулот ва ситонидани андоз аз гардиш).

Бо мақсади такмили бештари низоми амалкунандаи андоз аз гардиш моҳи июни соли 1975 Ҳукумати ИҶШС Низомномаи андоз аз гардишро тасдиқ кард.

Ба низоми амалкунандаи андоз аз гардиш баъзе тағйирот ба ҷониби сода кардан ворид гардиданд. Миқдори ҳисобу китоби андоз аз гардиш ихтисор шуданд, нархҳои изофавии буҷет, фарқҳои буҷетӣ нисбат ба баъзе молҳои саноатӣ барҳам хӯрданд. Умуман, воридот аз андози гардиш солҳои зиёде манбаи асосии даромади буҷети давлатӣ буданд.

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Муъҷизаи зери замини Forestiere (Калифорния)



Балдасаро Форестере соли 1906 заминеро барои бунёди боғ харида, мехост ба парвариши дарахтони ситрусӣ машғул шавад. Аммо, дид, ки замини харидааш корношоям аст. Ӯ, ки дар сохтмони метрои Ню-Йорк ширкат варзида буд, ба қароре омад, ки боғи орзуҳояшро дар зери замин бунёд намояд. Ҳамин тавр, аз соли 1906 то 1946 ба кандани ғор шурӯъ намуда, баъд аз 40 сол боғе сохт, ки ҳамагонро ба ҳайрат овард.

Ин макони афсонавии зеризаминӣ дар Фреснои Калифорния ҷойгир буда, дорои дарахтони гуногуни ситрусӣ, ангуру анор, анҷир ва авокадо, инчунин, гулҳои рангоранги садбаргу рустаниҳои нодир аст. Сарфи назар аз он ки ба дохили ғор нурҳои офтоб хеле кам мерасанд, дарахтони он то ҳанӯз меваҳои тару тоза ба бор меоранд ва боғ саросар ободу пуртароват аст.

## Суханони ҳакимона

Аз тамоми намуди қарзҳо инсон одатан ба супоридани андозҳо майл дорад.

ххх

Виҷдони нопок тавассути «ихтироъ»-и андозбандӣ пок гардидааст.

ххх

Шаҳрванд бояд андозҳоро ба монанди он ки ба маҳбубааш гул медода бошад, бо меҳри беандоза диҳад.

ххх

Андозҳоро ҳатто бо муҳаббат метавон пардохт: фикр кунед, ки он баҳои дар кишвар зиндагӣ кардан аст.

ххх

Андозҳо маблағҳое мебошанд, ки мо барои имконияти дар ҷомеаи мутамаддин зистан мепардозем.

## ПАНДИ РӮЗГОР

### Ҳангоми дарс профессори фалсафа ғайричашмдошт зарфи шишагии селитраро гирифту дарунашро бо санг пур кард.



аз обро гирифта, боз ба зарф рехт. Ҳама якҷоя бо завқ хандиданд.

- Ҳамин зарфи шишагӣ рамзи ҳаёти шумост, дарсро давом дода гуфт, профессор. Сангҳо ин чизи муҳим - оила, саломатӣ, дӯстон, фарзандон ва амсоли инҳо. Нахӯд - ин чизе, ки худи шумо муҳим мешуморед: кор, хона, мошин. Хок - ин майдачуйдаҳои зиндагӣ. Агар зарфро аввал бо хок пур кунем, ҷой барои нахӯд ва санг намемонад. Бинобар ин ҳама вақт дониста қувваатонро барои чизҳое, ки хушбахтӣ меоранд, сарф намоед. Донишҷӯе даст бардошта, пурсид: «Пас, пиёлаи об чӣ маънӣ дошт?»

Профессор хандиду гуфт: «Дар зиндагиатон ҳамеша барои истироҳат ҷой монед. Он ҳамон оби мусаффоест, ки муҳити тираро соф мекунад».

- Зарф пур шуд? - пурсид аз донишҷӯён.

- Бале.

Баъдан, профессор қоғазхалтаи нахӯдро кушода, ба зарф рехт.

- Акнун чӣ? - боз пурсид аз шогирдон.

- Бале, - пур аст.

Баъди ин, философ қуттии пур аз хокро гирифта, ба зарф рехт ва даҳони онро маҳкам кард.

Пас, боз як бори дигар аз донишҷӯён пурсид, ки «Акнун чӣ?». Вақте донишҷӯён бо як овоз ҷавоб доданд, ки: «Ин дафъа зарф аниқ пур аст». Устод аз зери миз пиёлаи пур

## Чои сабз фарбеҳиро пешгирӣ менамояд



Чои сабз, ба истилоҳ чои кабуд фарбеҳиро пешгирӣ ва кори рӯдаҳоро хуб менамояд. Ба ин навъи чой, ки асосан, дар кишварҳои Осиё маъруф аст, дар Ғарб ҳам торафт таваҷҷуҳ намуда истодаанд. Олимон барои профилактикаи бемориҳои онкологӣ, пешгирии инкишофи бемориҳои дилу ҷигар самарабахш будани моддаҳои зиёди органикӣ дар чои сабз, ёфтаро исбот кардаанд. Чои сабз кори меъдаю рӯдаҳоро хуб менамудааст, барои ҳазм намудани хӯрокҳои равғании аз ҳад зиёд муфид аст.

## ХОНА АЗ ҚАРТА

Брайан Берги амрикоӣ барои сохтани макети калонтарин казино бо истифода аз қарта 44 рӯзро сарф кардааст. Брайани архитектор ҳангоми кор бо қарта аз скотч ва ширеш тамоман истифода накардааст. Казинои қартагӣ 10,6 метр дарозӣ, 3 метр баландӣ ва 272 кг вазн дорад.Барои сохтани ин бинои қартагӣ 218792 қарта сарф шудааст. Казино аз хонаи қартагие, ки Берг дар синни 17-солагиаш сохта буд, калонтар аст. Хонасозӣ аз қарта кори саҳлу осон набуда, дар ин ҳангом ҳатто баланд сулфидану атса задан манъ аст.

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

ДАВЛАТЗОДА Н. М. - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С. - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; СОЛЕҲЗОДА А. М. - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ЮСУФӢ П. С. - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; ИСМОИЛЗОДА Х. И. - сардори Раёсати банақшагирии стратегӣ ва ислоҳоти Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон; НАБИЕВ Б. - сардори Раёсати таъмини ҳуқуқии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон.

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ маводи мехнатӣ низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ тахти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Абдуфаттоҳ ВОҲИДОВ

Тарроҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, биноси Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

*Индекс: 68930*

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

Теъдод: 74 369